**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 1 марти соли 2023 № 54

**ш. Душанбе**

Дар бораи Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи амали солҳои 2023-2025-и Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалисозии Барномаи мазкур ва Нақшаи амали он тадбирҳои зарурӣ андешида, оид ба натиҷаҳои амалисозии он ҳар сол то 15 феврал ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рафти иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи амали он ҳамасола то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 1 марта 2023 года № 54

**ш. Душанбе**

О Программе развития агропродовольственной системы и устойчивого сельского хозяйства на период до 2030 года

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Программу развития агропродовольственной системы и устойчивого сельского хозяйства на период до 2030 года и План действий 2023-2025 годов Программы развития агропродовольственной системы и устойчивого сельского хозяйства на период до 2030 года (приложения 1 и 2).

2. Соответствующим министерствам и ведомствам, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов принять необходимые меры по реализации настоящей Программы и её Плана действий и ежегодно до 15 февраля представлять информацию о результатах её реализации в Министерство сельского хозяйства Республики Таджикистан.

3. Министерству сельского хозяйства Республики Таджикистан ежегодно до 1 марта представлять информацию о ходе реализации настоящей Программы и её Плана действий в Правительство Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 марти соли 2023, №54

Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ
ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Барнома) бо мақсади минбаъд идома додани ислоҳоти аграрӣ, таъсиси низоми ба тағйирёбии иқлим тобовар, муҳайё намудани шароити мусоид дар пешбурди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истифодаи самаранокиобу замин, рушди устувор, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия гардидааст.

2. Соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқавории Тоҷикистон ба туфайли шароити хуби агроиқлимӣ, дар ҳолати мавҷуд будани хизматрасонии босифати обёрӣ имконияти истеҳсол намудани намудҳои зиёди маҳсулоти кишоварзиро дорад. Дар шароити суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва шаҳришавии босуръат, бо дарназардошти шароити баробари дигар, барои талаботи устувори дохилӣ ба озуқа бартарӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Ин шароити рушди кишоварзии Тоҷикистонро аз кишварҳои дигар, ки шумораи аҳолиашон коҳиш меёбад ва онҳо барои пайдо кардани талабот ба маҳсулоти худӣ талош мекунанд, фарқ мекунонад. Имрӯз дар Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони навовар ҳастанд, ки дар сурати фароҳам овардани шароити мусоид лаёқати пеш бурдани ислоҳотро доранд.

3. Барнома тадбирҳои ҳамоҳангшуда ва муттаҳидшудаи қонунгузорӣ, ташкилӣ, техникӣ, молиявӣ, илмию тадқиқотиро оид ба ислоҳоти аграрӣ барои 8 соли оянда дар бар мегирад. Дар Барнома имкониятҳои мавҷудаи буҷетӣ ва иқтидори ҷалби захираҳои молиявие, ки шарикони рушд тариқи барнома ва лоиҳаҳо ба соҳаи кишоварзӣ ҷудо менамоянд, инчунин ҳаҷми сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба назар гирифта шудаанд.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ ВА МУШКИЛОТИ АСОСӢ

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва ташаккули низомҳои агросаноатӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Тағйироти сохторӣ дар низоми кишоварзии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои қабулгардида самараи хуб бахшид. Дар истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин дар пешбурди баъзе навовариҳои



истеҳсоли техноглоги ва коркарди ибтидоӣ тамоюли мусбат мушоҳида карда мешавад.

5. Пешравӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои ҳалли мушкилоти рӯзафзуни кишвар ҳанӯз ҳам кифоя нест. Истеҳсоли маҳсулот дар Тоҷикистон босуръат афзоиш ёбад ҳам, вале ҳосилнокии он ҳанӯз ҳам паст аст. Ин ба инфрасохтори нисбатан камрушдёфта ва истифодаи ғайрисамарабахши он бо заминаи технологии ба таври кофӣ инкишофнаёфта, таназзули хок ва талафоти эҳтимолии захираҳои замин ва об аз сабаби тағйирёбии манфии шароити табиӣ вобаста аст. Таъсири афзоиши босуръати аҳолии кишвар ва тамоюлҳое, ки дар бозорҳои озуқавории ҷаҳон ба вуҷуд омада истодаанд, дида мешавад. Дар чунин шароит зарурати пурзӯр намудани ислоҳоти ниҳодӣ ва сохторӣ ба миён меояд. Ҳамзамон, дастгирии мутобиқшавии деҳқонон ба шароити тағйирёбандаи иқлим, кам шудани дастрасӣ ба об ва зуд-зуд рух додани ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво зарур аст.

6. Дар давоми ду даҳсолаи охир соҳаи кишоварзӣ яке аз муҳаррикҳои асосии пешбарандаи иқтисоди Тоҷикистон буд. Сарфи назар аз маҳдуд будани захираҳои табиӣ ва дучоршавӣ ба хатарҳои иқлимӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ дар давоми солҳои 2010-2019 ба ҳисоби миёна 6,4 фоиз ва дар солҳои 2020 ва 2021 мутаносибан 8,8 ва 6,6 фоизро ташкил дод. Рушди соҳаи кишоварзӣ асосан аз ҳисоби пеш бурдани ислоҳоти замин, тезонидани диверсификатсияи истеҳсолот ва то андозае баланд шудани ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ ба даст омад.

7. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ шудааст, барои рушди истеҳсолот дар соҳа замина гузошт. Тибқи омори расмӣ дар соли 2020 шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ 61 фоиз ва арзиши иловагӣ 21 фоизро ташкил намуд. Афзоиши шуғли аҳолӣ дар соҳа натиҷаи бевоситаи ташаккули хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ дар доираи ислоҳоти замин мебошад. Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2010 - 2021 аз 51 ҳазор то ба 172 ҳазор расид.

Дар маҷмуъ, аз 22 банди барномаи болозикр 19 банд иҷро гардида, 86 фоизро дар бар мегирад. Боқимонда 3 банд, бинобар сабаби дар мӯҳлати пешбинишуда иҷро нагардидани бандҳои 9, 12 ва 13 барнома, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2020, №556 мӯҳлати иҷрои бандҳои зикргардида то охири соли 2022 тамдид карда, онҳо амалӣ карда хоҳанд шуд.

8. Дар натиҷаи беҳтар намудани ҳолати беҳдошти замин ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав вазни қиёсии майдони кишти картошка - 37,1 фоиз, сабзавот - 45,4 фоиз ва зироатҳои полезӣ - 23 фоиз, боғу токзор - 26,4 фоиз, ҳаҷми истеҳсоли ғалла - 28,7 фоиз, картошка 5,1 - фоиз, сабзавот - 93,5 фоиз, зироатҳои полезӣ - 76,1 фоиз, мева - 42 фоиз афзуд. Ҳосилнокии ғалла - 18,6 фоиз, пахта - 5,2 фоиз, сабзавот - 24,6 фоиз, зироатҳои полезӣ - 35,7 фоиз, мева - 1,0 фоиз ва ангур - 46,2 фоиз афзуд. Ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоби миёна нисбат ба соли 2012 беш аз 18,6-сентнер афзоиш ёфтааст.

9. Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ саршумори чорвои калони шохдор 424 ҳазор сар, гӯсфанду буз1319,9 ҳазор сар, паранда 6266,6 ҳазор сар, асп 7,1 ҳазор сар, қутос 3 ҳазор сар, оилаи занбӯри асал 61,7 ҳазор оила зиёд шуда, мутаносибан истеҳсоли гӯшт 165,7 ҳазор тонна, шир 264,3-ҳазор тонна, тухм 761,8-миллион дона, пашм 1,8 ҳазор тонна, асал 1,1 ҳазор тонна афзуд. Дар баробари рушди соҳаи моҳидорӣ дар тамоми ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои моҳидорӣ зиёд шуда, ба 366 адад расид, истеҳсоли гӯшти моҳӣ 9 баробар афзуд.

10. Дар давраи солҳои 2012-2022 зиёдшавии майдони кишти зироатҳои картошка 14 фоиз ва сабзавот 6,3 фоиз ба назар мерасад. Дар баробари он, бо сабаби тамоюли бозоргонӣ пайдо кардани соҳаи кишоварзии мамлакат, бо андаке афзудани ҳосил ва ба эътидол омадани майдони кишти пахта 11 фоиз кам шудани майдони кишт ба назар мерасад (афзоиш ҳамагӣ 0,1 фоиз). Дар ин давра майдони боғот 13 фоиз ва истеҳсоли мева 9,6 фоиз афзуд. Инчунин, истеҳсоли зироатҳои полезӣ 61,8 фоиз, сабзавот 29,1 фоиз, шолӣ 20,1 фоиз, ангур 4,7 фоиз ва картошка 0,1 фоиз зиёд гардид. Дар баробари ин афзоиши ҳосилнокии ангур 61 фоиз, шолӣ 42 фоиз, зироатҳои полезӣ 27,9 фоиз ва сабзавот 21,4 фоизро ташкил медиҳад.

11. Дар масъалаи худтаъминкунӣ бо озуқа тамоюли мусбат мушоҳида гардид. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 таносуби худтаъминкунӣ дар кишвар бо мева, буттамева ва маҳсулоти коркарди он 89,8-фоиз, сабзавот, зироатҳои полезӣ ва маҳсулоти коркарди онҳо-97,0 фоиз, картошка-100,1 фоиз, шир ва маҳсулоти ширӣ-99,9 фоиз, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ-94,3 фоиз, ғалла-57,5 фоиз, равғани растанӣ 20-фоиз, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ 16,3-фоизро ташкил дод.

12. Комёбиҳое, ки дар натиҷаи амалигардонии Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022 ба даст оварда шудаанд, ба дастовардҳои барномаҳо ва нақшаҳои соҳавии мақсаднок, аз ҷумла Барномаи рушди боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (стандарти байналмилалии Global G.A.P.), Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ва ғайра асос ёфтаанд.

13. Дар натиҷаи амалигардонии Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 комёбиҳои назаррас ба даст оварда шудаанд, ки ин дар афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани навъ ва сифати маҳсулот нақши муҳим



мебозад. Дар диверсификатсияи бозорҳои савдои беруна низ дигаргуниҳо пешбинӣ шудаанд. Тибқи маълумоти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид Тоҷикистон дар соли 2020 ҳудуди 130 ҳазор тонна меваю сабзавот ва маҳсулоти дигари кишоварзиро дар шакли тару тоза ва коркард содирот намудааст.

14. Афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки арзиши баланди иловашударо ба вуҷуд меоранд, гарави таъмини амнияти озуқаворӣ мебошанд. Аммо то имрӯз як қатор мушкилоти ташкилӣ, сохторӣ ва илмию техникӣ ҳалли худро наёфтаанд, ки барои пурра фароҳам овардани чунин шароит имконият намедиҳанд. Масъалаҳои муҳимме, ки ба баландшавии маҳсулнокӣ таъсир мерасонанд, инҳоянд:

- давом доштани парокандагӣ ва хурдҳаҷмии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба истеҳсолкунандагон барои иштирок дар ташаккули занҷираи арзиши иловашуда ва ба даст овардани даромади зиёд монеа мешаванд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун шакли маъмултарини корхонаҳои кишоварзӣ дар алоҳидагӣ ҳаҷми ноустувори истеҳсолот, хароҷоти баланд барои харидани воситаҳои истеҳсолӣ ва таҷрибаи нокифоя оид ба маркетинг ва фурӯши маҳсулот доранд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ 2 фоизро кооперативҳо ташкил медиҳанд;

- оқилона истифода нашудани замин – нарасидани захираҳои замин ва тадриҷан бад шудани ҳолати чарогоҳҳо боиси пайдо гаштани мушкилоти ҷиддие дар оянда хоҳад шуд, алалхусус дар бобати бо озуқаворӣи асосӣ таъмин намудани аҳолии афзоянда ва диверсификатсияи истеҳсолот аз зироатҳои камдаромади яксола ба сердаромади бисёрсола, ки аз ҷиҳати таъминоти озуқавӣ аҳамияти камтар доранд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2020 аз 3,7 миллион гектар заминҳои кишоварзӣ қисми зиёди онро чарогоҳҳои лалмӣ 2,8-миллион гектар ташкил доданд. Танҳо 661 ҳазор гектарро замини корам, ки аз он қариб 500 ҳазор гектарашро заминҳои обёришаванда ташкил медиҳанд, ки дар кишгардонии пахтаю зироатҳои ғалладонагӣ истифода гардиданд, аммо онҳо аксаран зери як намуд зироат бе ивази пай дар пайи дуруст, истифодаи технология ва амалияи муосир истифода мешаванд. Барои зироатҳои бисёрсола ва боғҳо танҳо 153 ҳазор гектар замин истифода мегардад. Қисми боқимондаи заминро алафзорҳо ва заминҳои партов ташкил медиҳанд;

- самаранок истифода набурдани захираҳои об барои баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ. Сарфи назар аз пешравиҳои мусбат дар ислоҳоти соҳаи об вобаста ба ҷорӣ намудани идоракунии ҳавзаи дарёҳо, дар истифодаи об ҳанӯз ҳам мушкилот, ки бо инфрасохтори фарсуда алоқаманд буда, боиси талафоти об дар ҷараёни обёрӣ мегардад (талафот наздики 40 фоизи ҳаҷми умумии оби истифодашаванда), инчунин мушкилоти идоракунӣ, ки бо масъалаи дарёфти тавозун байни истифодабарандагони об, талаботи гуногуни обёрӣ вобаста ба намудҳои зироат ҷой дорад. Ин дар ҳосилнокии паст инъикос

ёфта, дар оянда зимни тағйирёбии иқлим хатарҳои калон ба вучуд меорад, зеро 90 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои обӣ истеҳсол мешавад ва зиёда аз 90 фоизи оби кишвар барои обёрӣ истифода мегардад;

- нарасидани тухмиҳои хушсифат, ниҳолҳо ва воситаҳои кӯчатии ба шароити маҳал мутобиқшуда. Деҳқонони минтақаҳои зиёди ҷумҳурӣ ба тухмии хушсифат, ниҳолҳо ва воситаҳои кӯчатӣ дастрасӣ надоранд. Низоми воридоти тухмӣ ва ниҳолҳо ба дастовардҳои муайяне ноил гардида бошад ҳам, аммо то ҳол пурра ташаккул наёфтааст ва ислоҳоти минбаъдаро тақозо мекунад, зеро зиёда аз 50 фоизи воситаҳои истеҳсолот аз ҷумла тухмӣ, ниҳолҳо ва маводи кӯчатӣ ба Тоҷикистон аз хориҷ ворид карда мешаванд. Хоҷагиҳои тухмипарварии амалкунанда талаботи истеҳсолотро ба тухмии аълосифат ҳанӯз пурра қонеъ намегардонанд ва баъзе хоҷагиҳо тухмии репродуктивӣ ва шартӣ истифода мебаранд, ки ин боиси паст шудани ҳосилнокии зироат мегардад. Хоҷагиҳои тухмипарвар бештар ба воридоти навъҳои гибридии тухмии сабзавот ва маводи кӯчатӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, на ба парвариши навъҳои маҳаллӣ ё мутобиққунии навъҳои воридотӣ ба шароити агроэкологии кишвар. Таҷрибаи санҷиши навъҳои тоза (маҳалликунонидашуда ё воридшуда) ҷиҳати беҳтар намудани мутобиқшавии онҳо ба хок ва иқлим мутобиқсозиро талаб менамояд. Тибқи арзёбии мутахассисон, дар маҷмуъ, дар ҷумҳурӣ мавҷудияти тухмии истеҳсоли худӣ тақрибан 40-50 фоизро ташкил медиҳад;

- набудани дарки дақиқи ягона оид ба мубрамияти татбиқи принсипи «зироаткории дақиқ» барои муайян намудани усулҳои самараноки идораи замин, аз ҷумла таҳлили хок ҳангоми интихоби зироати кишоварзӣ, истифодаи интихобии нуриҳои минералӣ ва гербитсидҳо, мубориза маҷмуавӣ зидди ҳашароти зараррасон ва чорабиниҳои дигари агротехникӣ. Дараҷаи пасти огоҳии деҳқонон оид ба маданияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва усулҳои самараноки идоракунии хок ба назар мерасад. Рушди нокифояи неруи инфрасохторӣ ва инсонии аксари муассисаҳои кишоварзӣ, ки хизматрасонии таҳлили хок ва обро таъмин мекунанд, ба хоҷагиҳо имкон намедиҳад, ки хатарҳои вобаста ба сифати хокро сари вақт ташхис намуда, обёриро идора кунанд. Аз ҳад зиёд истифода намудани об, нуриҳои минералӣ ва моддаҳои химиявӣ боиси шӯршавӣ ва ифлосшавии замин, инчунин паст шудани ҳосилнокии зироат мегардад. Аксарияти заминҳои обӣ ба ботлоқшавӣ ва бодлес (қариб 420 ҳазор гектар), наздики 70 фоизи заминҳои корам ба бодлесшавӣ ва 15 фоиз ба шӯршавӣ дучор шудаанд;

- инкишофи нокифояи низоми огоҳонии барвақт ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода дар соҳаи кишоварзӣ. Низоми мавҷудаи огоҳонии барвақт ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода, ки ҳадафи он дастрас намудани иттилооти саривақтӣ ба деҳқонон ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ барои ҳифз аз хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ мебошад (оид ба ҳарорати шадид, боришот, хушксолӣ, ҳуҷуми малах, ҳолати бемории ҳайвонот ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо ва ғайра), инчунин низоми огоҳонӣ дар



бораи муҳлати муносиби чорабиниҳои кишоварзӣ ба талаботи кишоварзии устувор, хусусан дар шароити тағйирёбии иқлим ҷавобгӯй нест. Ба деҳқонон иттилооти агрометеорологӣ, инчунин огоҳии саривақтии бармаҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода, аз он ҷумла ҳуҷуми ҳашароти зараррасон дастрас намегардад. Тибқи баҳогузории Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ҳаҷми умумии хисороти солонаи малах дар Тоҷикистон аз 10 то 15 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад;

- сатҳи пасти мутобиқшавии соҳаи кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим. Аз рӯйи баҳогузории коршиносон тағйирёбии иқлим монеаи асосии рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки дар осебпазирии баланди муҳити зист ва қобилияти пасти деҳқонон ҷиҳати мутобиқ намудани усулҳои анъанавии пеш бурдани фаъолияти кишоварзӣ ифода мегардад. Баландшавии ҳарорати миёна ва обшавии пиряхҳо боиси тағйирёбии мавсимии маҷрои об мегардад, ки дар навбати худ ба обтаъминкунии устувор ва ҳосилнокии зироатҳо таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, зиёдшавии хушксолӣ, сардиҳои бемаҳал, селбориш, обхезии фалокатвор дар натиҷаи пуршавии оби кӯлҳои пиряхҳо, нишебиҳои ноустувори кӯҳҳо ва зуд-зуд фаромадани ярч ба ҳосилнокии чорогоҳҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Тибқи арзёбии коршиносон тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон дар солҳои оянда боиси коҳиш ёфтани ҳосилнокии миёнаи зироатҳои ғалладонагӣ то 15 фоиз ва сабзавоту меваҷот 9-11 фоиз мегардад;

- сатҳи нокифояи рушди хизматрасонии агрологистикӣ. Инфрасохтор барои ба навъҳо ҷудокунӣ, гурӯҳбандӣ, коркарди маҳсулот, инчунин сардхонаҳо, сарфи назар аз тадбирҳое, ки ҷиҳати рушди он дида шудаанд (ба ҳолати то соли 2022 496 иқтидори анборҳои меваҷот тахминан 187 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад), ҳанӯз дар давраи ибтидоӣ қарор дошта, ба талаботи нигоҳдорӣ ва коркарди пас аз ҷамъоварии ҳосил, алалхусус маҳсулоти зудвайроншавандаи барвақтӣ ҷавобгӯй нест. Мавсими барвақт пухтани меваю сабзавот дар Тоҷикистон яке аз хусусиятҳои бартаридоштаи рақобатпазирии соҳа мебошад. Тибқи баҳогузории пешакӣ талабот барои нигоҳ доштани маҳсулот дар мавсими зимистон 1432 ҳазор тоннаро ташкил мекунад;

- сатҳи нокифояи рушди хизматрасонии агромашваратӣ. Тибқи арзёбии пешакии вазорат сатҳи фарогирии хоҷагиҳои деҳқонӣ бо хизматрасонии агромашваратӣ наздики 20 фоизро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ наздики 2,5 фоизи истеҳсолкунандагон ба иттилооти кишоварзӣ дастрасӣ доранд. Муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ ба хизматрасонии машваратӣ оид ба интихоби зироат, истифодаи технологияҳои обёрӣ ва воситаҳои муҳофизати растанӣ суст ҷалб карда мешаванд;

- инкишофи сусти кашфиётҳои илмӣ ва тадқиқот дар соҳаи кишоварзӣ. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз натиҷаи кашфиётҳои илмию технологӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сатҳи рақобатпазирӣ суст истифода мебаранд. Механизмҳои самараноки

ҳамкории илм, маориф ва истеҳсолот вуҷуд надоранд. Дар бозори меҳнат теъдоди мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи махсус (хатмкунандагони коллеҷҳои кишоварзӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ), ки ба талаботи рушди истеҳсолоти устувор ҷавобгӯй бошанд, кофӣ нест. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бо дарназардошти имкониятҳои техникии муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимӣ дар амал кам ҷорӣ карда мешаванд. Заминаи техникӣ, таҷҳизотӣ ва озмоишии ин муассисаҳо фарсуда ва моҳиятан кӯҳна шудаанд. Хароҷоти давлатӣ барои гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон тибқи арзёбии коршиносон 0,05 фоизи маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад (соли 2019), ки ин дар қиёс бо кишварҳои дигари рӯ ба тараққӣ даҳ маротиба камтар аст. Дар ин кишварҳо ба ин мақсадҳо ба ҳисоби миёна 1,5-2,0 фоизи маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ сарф карда мешавад;

- масъалаҳои ҳалталаб ҷиҳати таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ. Сарфи назар аз тадбирҳое, ки ҷиҳати дастгирии инфрасохтори миллии сифат андешида шудаанд, инфрасохтори озмоишгоҳҳои бехатарии озуқаворӣ, таҳлили хок ва об ба талаботи байналмилалии аккредитатсия ҷавобгӯй набуда, ба навсозӣ ҳам аз нигоҳи таҷҳизоти техникии мавҷуда, таъмини усулҳои тадқиқот бо такмили ихтисоси мутахассисони дахлдор ва ҳам танзими меъёрию техникӣ ва маблағгузорӣ ниёз дорад. Дар кишвар низоми мукаммали пайгирии маҳсулот аз истеҳсол то истеъмол, ки барои идоракунии самараноки хатарҳо ва тақвияти иқтидори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст, рушд наёфтааст;

- содироти сабзавот ва меваҷот. Сарфи назар аз динамикаи мусбати афзоиш, ба таври кофӣ диверсификатсия нашудааст ва тақрибан 3 фоизи ҳаҷми умумии содироти кишварро ташкил медиҳад. Ҳамкории сусти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ байни содироткунандагон дар тамоми занҷираи арзиш, инчунин сармоягузории нокифоя ба хизматрасонии агрологистикӣ, технологияҳои сарфаи об ва таъмини самараноки обдиҳӣ, тадбирҳои санитарию фитосанитарӣ ва тадбирҳои дигари ба тиҷорат мусоидаткунанда аз зумраи мушкилот дар диверсификатсияи содирот мебошад;

- сатҳи нокифояи салоҳияти муассисаҳои давлатие, ки дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ иштирок мекунанд. Функсия ва ваколатҳои мақомоти давлатие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, обёрӣ, замин, бехатарии ғизо, чарогоҳҳо ва масъалаҳои дигари алоқаманд машғуланд, аксаран парокандаанд ё такрор мешаванд, ки ин сабаби сари вақт ва босифат қабул нашудани қарорҳои мувофиқашаванда мегардад. Айни замон ба такмили тахассуси кормандони мақомоти давлатӣ ҷиҳати кор бо маълумот ва омор, инчунин таҳияи лоиҳаҳои рушд, усулҳои татбиқ ва мониторинги онҳо талабот ба миён омадааст;

- ҳамоҳангсозии сусти байнисоҳавӣ ва байниидоравӣ оид ба масъалаҳои идоракунии замин ва об, масъалаҳои экологӣ, хоҷагии ҷангал, чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии



Тоҷикистон масъули муайян ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи кишоварзӣ мебошад, ки дар баробари ин масъулияти идоракунии масъалаҳои замин, обёрӣ, санитарӣ ва фитосанитарӣ, инчунин масъалаҳои коркарди аввалияи маҳсулоти кишоварзӣ ба зиммаи мақомоти дигари давлатӣ, аз ҷумла Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои дигаре вогузор шудааст, ки дар доираи ваколатҳои худ нақшаҳои ислоҳотро амалӣ менамоянд. Тақсимоти вазифаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ байни идораҳои мухталиф амалияи муқаррарӣ буда, дар аксари кишварҳо мушоҳида мешавад, вале айни замон дар раванди таҳия ва амалигардонии Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 таъсиси механизмҳои мукаммали робитаи байниҳамдигарӣ аҳамияти хоса дорад. Ҳамоҳангсозии суст барои татбиқи стратегияҳои дарозмуддат монеа эҷод менамояд. Идораҳо дар доираи нисбатан танги ҳадафҳои худ маҳдуд мешаванд, ки ин ташаккул ва диди мақсаду вазифаҳои умумиро душвор мегардонад;

- нопуррагӣ ва тафсилоти нокифояи нишондиҳандаҳои оморӣ бо сабаби норасоии технологияҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот, маблағгузории нокифоя, нопуррагии кадастр ва феҳристҳои идоравӣ, ки барои гузаронидани таҳқиқотҳо асос шуда метавонанд. Гарчанде дар кишвар маҷмуи маълумоти оморӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавҷуд бошад ҳам, вале бо мурури замон ин миқдори маълумот барои таҳияи барномаҳои муфассали соҳавӣ кофӣ нахоҳад буд. Рӯйхати нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба растанипарварӣ, намудҳои чорводорӣ, мавҷуд будани захираҳо дар сатҳи кишвар ва минтақа, ҳосилнокӣ, коркард ва ғайра васеъкуниро талаб менамояд. Инчунин мушкилоти дигар дар ин самт сифати тадқиқотҳои ҳарсолаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва интихоби нокифояи хонаводаҳо барои гузаронидани тадқиқоти буҷети хонавода мебошад. Барои ин зиёд намудани маблағгузории мақомоти омор, такмили ихтисоси кормандон, алалхусус иҷрокунандагони корҳои саҳроӣ, ташкили кадастрҳои идоравӣ, рӯйхатҳо ва феҳристҳо (замин, фермаҳо, ҳайвонот, чунин корхонаҳои махсусгардондашуда, ба монанди гармхонаҳо, ҳавзҳо ва ғайра) зарур аст. Ҳалли ин масъалаҳо вусъат додани ҳамкории байниидоравӣ, мустаҳкам намудани заминаи ниҳодӣ, методологияи гузаронидани корҳои оморӣ, беҳтар намудани интишор ва истифодаи маълумотро талаб менамояд;

- кофӣ набудани сатҳи маблағгузории давлатӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ. Таҳлили сохтори функсионалии хароҷоти давлатӣ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ гузаронида шудааст, муайян намуд, ки хароҷот барои таҳқиқоти кишоварзӣ ва хизматрасонии машваратӣ, идоракунии захираҳои табиӣ, рушди бахшҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, тадбирҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, агрологистикӣ,

кишоварзии рақамӣ ва ғайра хеле паст буда, каме бештар аз 1 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва 0,7 фоизи ҳаҷми буҷети солонаи тасдиқшударо ташкил медиҳад ва аз маблағгузории шарикони рушд (54 фоиз) вобастагии калон дорад, дар ҳоле ки дар кишварҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз қабили кишварҳои Қафқоз ва Ӯзбекистон барои ин эҳтиёҷот дар ибтидои давраи гузариш 10-20 фоиз ҷудо карда шуда, баъдан ҳар сол хароҷот муътадил ё кам карда мешавад. Амалигардонии бомуваффақияти Барномаи мазкур тадриҷан коҳиш додани нақши маблағгузории шарикони рушдро дар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ, бо зиёдшавии ҳиссаи маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ва баъдан ҳиссаи бахши хусусӣ дар назар дорад;

- сатҳи пасти ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ. Сарфи назар аз тадбирҳое, ки ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар андешида шудаанд, ҳаҷми сармоягузорӣ дар сатҳи на бештар аз 3 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ба иқтисодиёти кишвар воридшударо ташкил менамояд ва тибқи маълумоти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ҳиссаи кишоварзӣ дар ташаккули умумии сармояи асосӣ 6 фоиз ва ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии қарзҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон 8,5 фоизро ташкил медиҳад, ки бо дарназардошти аҳамияти соҳаи кишоварзӣ барои иқтисодиёти мамлакат начандон калон аст. Тақсимоти нобаробари сармоягузорӣ дар зерсоҳаҳои кишоварзӣ назаррас буда, маблағи зиёд ба зерсоҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва хизматрасонии агротехникӣ равона шудааст. Ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби нопурра амалӣ шудани ислоҳот ва парокандагии маҳсулотистеҳсолкунандагон боздошта мешавад. Таҳкими шарикӣ байни деҳқонон, корхонаҳои кишоварзӣ ва сармоягузорони эҳтимолӣ дар мавриди ҷой доштани қоидаҳои возеҳ ва ягона истифодаи иқтидори назарраси сармоягузории кишоварзиро имконпазир мегардонад;

- паст будани ҳосилнокии меҳнат дар шароити зиёд будани ҳиссаи шахсони машғули меҳнат. Зиёда аз 60 фоизи аҳолии деҳоти кишвар дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд, ҳол он ки дар саноати коркард наздики 3 - фоиз, сохтмон 2 - фоиз, савдо наздики 6 - фоиз кор мекунанд, ки ин аз хусусияти экстенсивӣ доштани рушди соҳаи кишоварзӣ, дигаргуншавии ҷиддии сохтори иқтисодиёти деҳот ва бо кор таъмин будани аҳолии деҳот шаҳодат медиҳад. Дар деҳот музди камтарин дар иҷрои корҳои мавсимии кишоварзӣ дида мешавад, ки дар як моҳ тахминан 700 сомониро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани мардони деҳот аксарияти неруи кории дохилиро занон ташкил медиҳанд. Тибқи ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ ҳиссаи занон дар соҳаи кишоварзӣ 53 фоизи аҳолии дар кишоварзӣ фаъолро ташкил медиҳад. Дар чунин ҳолат навсозии технологии соҳа барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ҳосилнокӣ дар соҳа ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст. Ин ба занон имконият медиҳад, ки шароити меҳнат ва даромади худро беҳтар намуда, ба навъҳои сердаромад ва устувори кор дар соҳаи



саноати коркард гузаранд ва ин дар навбати худ барои зиёд шудани пасандозҳо, баланд шудани сатҳи умумии некуаҳволӣ, беҳтар шудани соҳаҳои тандурустӣ ва маорифи деҳот таъсири мусбат мерасонад.

15. Бо дарназардошти мушкилоти кунунии рушди соҳаи кишоварзӣ, тағйироти куллӣ дар бозорҳои озуқаворӣ, талаботи рӯзафзун ҷиҳати таъмини аҳолии афзояндаи кишвар бо ғизои асосӣ аз нуқтаи назари таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба ғизои хушсифат ва шуғли аҳолӣ, зарурати идомаи ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ ба миён омадааст.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

16. Барнома ба амалигардонии ҳадафу вазифаҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, ки ба соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши ҳалкунанда мегузорад, равона карда шудааст. Стратегия диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани навсозӣ бо дарназардошти таъсири камтарин ба муҳити зист ва сифати замин, баланд бардоштани ҷолибияти соҳа барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ташаккул ва таҳкими занҷираҳои арзиши иловашуда, таъмини дастрасӣ ба хизматрасонӣ ва инфрасохтори босифат, ташаккули низоми идоракунии замин ва об дар асоси тақсимоти одилона ва устувор барои парвариши зироатҳои сердаромад ва ғайраро тақозо менамояд.

17. Мақсади асосии Барномаи мазкур тақвияти ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки ба ташаккули истеҳсолоти пурмаҳсули устувори кишоварзӣ, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи амнияти озуқаворӣ ва баланд бардошти рақобатпазирии маҳсулоти содиротшаванда қодир аст, равона карда шудааст.

18. Вазифаҳои асосии Барнома иборатанд аз:

- такмил додани низоми идоракунӣ ва назорат бо дарназардошти ҷорӣ намудани усулҳои нави пешгӯӣ ва банақшагирӣ, ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва диверсификатсияи хароҷоти давлатӣ, ки ба рушди соҳа равона карда мешаванд;
- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти механизмҳои ташкилию иқтисодие, ки истифодаи фондҳои махсуси хусусӣ ё омехтаи сармоягузорӣ, инчунин воситаҳои кам кардани хавфи маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд;
- беҳтар намудани ҳамкории байнисоҳавӣ ҳам дар сатҳи барномаҳои соҳавӣ ва ҳам дар доираи уҳдадориҳои мақомоти ваколатдор ва ташкилотҳои ҷалбшуда бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ;
- азнавсозии заминаи илмию техникӣ ва таълимӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- бунёди инфрасохтори агрологистикии барои истеҳсолоти кишоварзӣ зарур;

- фароҳам овардани шароит барои рушди хизматрасонии агромашваратӣ, аз ҷумла мусоидат ҷиҳати баланд бардоштани маданияти истифодаи технологияҳои агротехникӣ;

- ҷорӣ намудани усулҳои кишоварзии ба иқлим муносибгардонидашуда барои таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ (хок ва об) ва ҳифзи муҳити зист;

- мутобиқшавӣ ва ташаккули низоми ба тағйирёбии иқлим устувори кишоварзӣ;

- васеъ намудани фаҳмиши принсипҳои идоракунии ҳамгирои захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ;

- мусоидат ба истифодаи самараноки об, ҷорӣ намудани усулҳо ва технологияҳои сарфаи об дар истеҳсолоти кишоварзӣ, кам кардани сарфи энергия ва ифлосшавии об;

- истифодаи оқилонаи хок бо мақсади дуруст ба роҳ мондани истеҳсолот ва таъмини даромаднокии зироатҳо;

- васеъ намудани имкониятҳои хоҷагиҳои деҳқонии хурд барои ба даст овардани даромади баланд аз истеҳсолот, ба ин кор васеъ ҷалб намудани ҷавонон ва занони деҳот;

- ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба муттаҳидшавӣ дар гурӯҳҳои истеҳсолӣ, кластерҳои агросаноатӣ ва шаклҳои дигари кооператсия.

## 4. МАСЪАЛАҲОИ БАЙНИСОҲАВӢ

19. Тағйирёбии иқлим мушкилоти ҷиддӣ барои низоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ Тоҷикистон мебошад. Масъалаҳои устуворӣ ва тағйирёбии иқлим дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаву нақшаҳои соҳавӣ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Ин масъалаҳо дар Барномаи мазкур ба инобат гирифта шуда, ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми афзалиятҳои стратегии он мегарданд. Усулҳои аз рӯйи иқлим муносибгардонидашудаи кишоварзӣ, гуногунии биологӣ, устуворӣ, истеҳсоли органикӣ ва нигоҳдории зотҳои маҳаллӣ дар тамоми тадбирҳои стратегӣ дастгирӣ карда мешаванд.

20. Ҳадафи Барномаи мазкур таъсис додани сохтори зарурии қонунгузорӣ ва ниҳодӣ, дар баробари тадбирҳои мушаххаси дастгирӣ, ҷиҳати бунёди низоми устувори кишоварзӣ ва таҳкими равишҳои «иқтисоди сабз», тибқи шарҳи Барномаи муҳити зисти Созмони Милали Муттаҳид (UNEP) аз соли 2009 мебошад.

21. Истифодаи усулҳои ба иқлим мувофиқгардонидашудаи пешбурди кишоварзӣ тавассути татбиқ намудани таҷрибаи пешқадами агротехникӣ, киштгардон барои беҳтар намудани таркиб ва сифати хок, истифодаи кам ё мувофиқи меъёри заҳрхимикатҳо, самараноки пестидсиду нуриҳо, истифодаи навъҳои гуногуни зироатҳои маҳсулнок ва устувор дастгирӣ карда мешаванд.



22. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои гуногунии биологӣ ва устувории экологӣ, аз ҷумла мутобиқшавӣ ба муҳити зист ва андешидани тадбирҳои зидди таназзули хок (биёбоншавӣ, шӯршавӣ, эрозия ва ғайра) бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва сохторҳои дахлдори кишварҳои ҳамсоя ҳамкорӣ ба роҳ мемонад.

23. Барнома бо мақсади таъмини рушди устувори кишоварзӣ ташаббусҳоро оид ба ҳифзи зотҳои таҳҷоии чорво ва навъҳои таҳҷоии растаниҳо дастгирӣ намуда, механизмҳои амалисозии онро коркард менамояд. Тоҷикистон бо навъҳо ва зотҳои гуногуни маҳаллӣ машҳур аст. Нигоҳдории гуногунии биологии кишоварзӣ барои таъмини фаъолияти устувори соҳа аҳамияти калон дорад. Ҳифзи навъҳои растанӣ ва чорвои ватанӣ, ки гузаронидани барӯйхатгирӣ ва мушаххасгардонии муфассали намуд ва зотҳои маҳаллӣ, инчунин таъсиси бонки захираи генҳои самаранокро дар бар мегирад, ҳавасманд карда мешавад.

24. Бо мақсади нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани гуногунии биологӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунии агросистемаҳо ва чарогоҳу марғзорҳои табиӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Барои ташкил, ҳавасмандгардонӣ ва идоракунии устувори зироаткории органикӣ, аз ҷумла растанипарварӣ ва чорводорӣ низоми сертификатсия ҷорӣ карда мешавад. Барои тараққӣ додани парвариши моҳӣ ва зироатҳои обӣ дар обанборҳои дохилии Тоҷикистон тадбирҳо амалӣ карда мешаванд. Ғайр аз фаъолияти қонунгузорӣ дар низомҳои дигари идоракунии агроозуқаворӣ низ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодагии ниҳодӣ тадбирҳо андешидан, аз ҷумла баррасӣ намудани ташкили «бозорҳои пилотӣ» зарур аст.

25. Дар Барнома дар раванди маҷмуии банақшагирӣ дар самти тағйирёбии иқлим ҷанбаъҳои гендерӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Ин ҷалб намудани гурӯҳҳои занон ва машваратдиҳӣ ба онҳо, вусъат додани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар қабули қарорҳо ва нақши роҳбарикунандаи онҳо дар мавриди тағйирёбии иқлим, ҷамъоварии маълумоти муфассал оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ба занон ва андешидани тадбирҳои мақсадноки ҳассоси гендериро дар бар мегирад.

## 5. АФЗАЛИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ БАРНОМА

### §1. Таҳкими ниҳодӣ

26. Тараққиёти бомуваффақияти соҳаи кишоварзӣ заминаи мустаҳками ниҳодиро талаб мекунад. Устувории ниҳодӣ сиёсати босубот, пешгӯишаванда ва возеҳро таъмин менамояд. Салоҳияти дақиқ ва маблағгузории мақсаднок заминаи устувори сохтори ниҳодиро ташкил медиҳанд, ки бе он комёбиҳои дарозмуддат дар дигаргунсозии низоми кишоварзии Тоҷикистон аз эҳтимол дур аст.

27. Таҳкими ниҳодӣ ба такмил додани қонунгузорӣ, дастгирии қабули қарорҳои асоснок аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок, беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ дар байни ҷонибҳои манфиатдор ва қобилияти таҳлил ва

идора кардани омор равона шудааст. Самти дурнамои мазкур, ҳамчунин бо масъалаи сафарбар намудани маблағгузории зарурии давлатӣ барои рушди муҳити мусоид ва инфрасохтор барои кишоварзӣ ва низоми озуқаворecho Тоҷикистон вобаста аст. Маблағгузории умумӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ин Барномаи ислоҳот бояд афзоиш ёбад.

28. Такмили қонунгузорӣ ҷузъи муҳимми бунёди заминаи ниҳодӣ барои рушди устувори кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ мебошад. Ин кори густурда буда, шарҳи мунтазами санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки қоидаҳои истифодаи замин, об, чарогоҳ, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, захираҳои истеҳсолӣ, маориф, маркетинг, технология, идоракунии молия, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, андозбандӣ ва масъалаҳои дигарро пешбинӣ менамояд. Ҳадафи ниҳоии ин корҳо ташаккули чунин заминаи меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ба ниёзҳои рушди дарозмуҳлат мувофиқат намояд. Ба ошкор намудани зиддиятҳои асосӣ, камбудию норасоиҳое, ки ба рушди кишоварзӣ халал мерасонанд, диққати ҷиддӣ дода мешавад. Қоидаҳо ва муқаррароти нолозим барҳам дода, механизмҳои ҳамкории сохторҳои ваколатдори амалисозии қонунгузорӣ ва дар амал татбиқ намудани он такмил дода мешаванд. Ислоҳоти мазкур истифодаи захираҳоро беҳтар намуда, ба равона кардани маблағгузорӣ ва технологияи зарурӣ барои рушди занҷираи арзиши иловашуда, сода ва стандартикунонии муносибатҳои шартномавӣ, кушодашавии бозорҳо барои технологияҳо ва захираҳо, таъмини рақобати оқилона ва ғайра мусоидат хоҳад кард. Такмили қонунҳо ва қоидаҳо дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ дар ҳамкорӣ бо парламент дар машварат бо бахши хусусӣ ва бо дастгирии коршиносони шарикони рушд амалӣ карда мешавад. Таҳияи нақшаи ягонаи ҳарсолаи корҳои марбут ба қонунгузорӣ пешбинӣ карда мешавад.

29. Гурӯҳи дуюми тадбирҳои таҳкими ниҳодӣ ба беҳтар намудани иқтидор ва имкониятҳои Вазорати кишоварзӣ барои татбиқи самараноки ислоҳоти аграрӣ ва нақшаҳои амали вобаста ба он, инчунин равонасозии соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаврии Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона гардидааст. Барои ҳалли ин масъала, аз ҷумла зарур аст, ки системаи мавҷудаи идоракунии давлатӣ дар бахши кишоварзӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории самарабахши вазорату идораҳо, ки барои рушди системаи кишоварзӣ масъуланд, бо дарназардошти аз нав дида баромадани сохтори ташкилӣ ва тақвияти нақши ҳамоҳангсозии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои азими Барнома муносиб гардонида шавад.

30. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳкими воҳиди таҳияи сиёсати кишоварзии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, рушди чорводорӣ, интишори дониш ва технологияҳо, захираҳои кишоварзӣ ва воҳиди муносибатҳои байналмилалӣ раванди таҳияи қарорҳои асоснок оид ба



ислоҳотро роҳбарӣ карда, инчунин сафарбаркунии захираҳо ва иқдомоти зарурии муассисаҳои гуногуни давлатӣ ва шарикони рушд инчунин ҷалби бахши хусусӣ ва сармоягузориро таъмин мекунанд. Ба ғайр аз ин, «идоракунӣ дар сиёсати аграрӣ» бояд нақшаи асосиро дар мониторинг ва арзёбии дастовардҳои барномаҳои амалишаванда ва пешбурди умумии кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ ба ҳадафҳои дилхоҳ дошта бошад. Ин тадбир бо роҳи сохторикунонии идораи зикргардида ва баланд бардоштани малакаву қобилияти кормандони вазорат дар идора, амалигардонӣ ва мониторинги тадбирҳои мусоидат ба рушди кутоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати соҳа амалӣ хоҳад шуд.

31. Дар ибтидо иҷрои тадбирҳо ба дастгирии шарикони рушд, ки дар раванди баланд бардоштани иқтидори вазорат нақши калидӣ хоҳад дошт, такя мекунад. Дар марҳилаҳои минбаъдаи амалисозии Барнома «идоракунӣ дар сиёсати аграрӣ» ба сохтори таркибии вазорат, ки ҷиҳати пешниҳоди машваратҳои салоҳиятноку тахассусӣ дар чараёни рушди низоми агроозуқаворӣ нақши муҳим дорад, табдил меёбад. Тадбирҳои баланд бардоштани иқтидори касбии кормандон ташкили семинарҳои таълимии мақсаднок дар самти кор бо маълумот ва иттилоот, таҳияи пешниҳодҳо оид ба сиёсати рушди умумӣ, инчунин ташаббусҳои соҳавӣ, арзёбии хароҷот ва фоидаи онҳо, мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

32. Барои баланд бардоштани сифати қабули қарорҳо дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи як қатор чорабиниҳо оид ба нав кардани низоми идоракунии маълумот марбут ба низоми озуқаворӣ (ҷамъоварӣ, коркард ва интишори маълумот) пешбинӣ карда мешавад. Пешниҳод карда мешавад, ки дар вазорат маҳзани маълумот/барномаи заминавие таъсис дода шавад, ки дар он маълумоти оморӣ оид ба истеҳсол, истеъмол, нарх, захираҳои кишоварзӣ, савдои байналмилалӣ ва ғайра гирд оварда мешаванд. Ин маълумот бо дарназардошти тамоми қисматҳои рушд ва бо кумаки воситаҳои визуаликунонии технологияҳои компютерӣ, ки барои истифодабарии тезтару самаранокии бештари он имкон медиҳад, коркард хоҳад шуд. Таъсиси маркази маълумоти ва воситаҳои ба он алоқаманд бо кумаки техникии шарикони рушд амалӣ мегардад. Илова бар ин, пешниҳод карда мешавад, ки доира ва амиқии маълумоти омории марбут ба низоми агроозуқаворӣ, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад, таҳлил карда шавад, то камбудиҳо ва номутобиқатии онҳо бо мурури замон бартараф карда шаванд, зеро барои таҳияи сиёсат маълумоти баландсифат ва бештар мураккаб заруранд. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд ҷиҳати муайянсозии маҳсулоти нави оморӣ, инчунин восита ва захираҳои такмили маълумоти мавҷуда густариш медиҳад. Сарфи назар аз он ки Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи хеле муътамади маълумоти омориро нашр менамояд, дар масъалаи такмили методология, мазмун ва номгӯйи нишондиҳандаҳои оморӣ корҳои зиёдеро бояд ба сомон расонд. Масалан, дар маълумоти

ҷамъбасти солона оид ба истеҳсолот ва ҳосилнокӣ ҷузъиёти муҳим намерасад. Чунин ҳолат дар реестрҳо, аз қабили феҳристи замин, саршумори чорво, майдони зироатҳои яксола ва бисёрсола, нархҳо, таҳқиқотҳои соҳавӣ, даромаднокӣ ва ғайраҳо дида мешавад. Такмил додани муоинаи хонаводаҳо, таҳқиқи бахши тиҷоратӣ ва феҳристҳо низ аҳамияти калон дорад. Барои амалисозии самти мазкури стратегӣ кумаки донорҳо ва экспертизаи техникӣ ҷалб карда мешаванд.

33. Идоракунии рушди низоми агроозуқаворӣ чараёни мураккаб буда, ба ғайр аз вазифаҳое, ки ба салоҳияти бевоситаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон медароянд, ваколатҳои вазоратҳо ва муассисаҳои дигари махсусгардонидашударо низ дар бар мегирад. Масалан, масъалаҳои обёрӣ, ки барои соҳаи кишоварзӣ муҳиманд, дар салоҳияти Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, барои яке аз афзалиятҳои стратегии Барномаи мазкур – рушди деҳот муҳим мебошад, функсияҳои маориф ба салоҳияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст, ки ҳамчунин таҳсилоти кишоварзиро сарпарастӣ мекунад. Чунин тақсимоти воқеии вазифаҳо, инчунин, мураккабии масъалаҳои ҳалталаб ҳамкории зич ва самарабахши байни вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдорро тақозо мекунад. Ин талабот дар ҳамоҳангсозӣ бояд тариқи механизми расмии тақсимоти маблағҳо барои ҳадафу вазифаҳои умумӣ, ки дар мувофиқа бо якдигар амалӣ мегардад ва инчунин мунтазам назорат, тасҳеҳ ва таҷдид карда мешавад, таҷассум ёбад.

34. Барои амалисозии пурраи вазифаҳои Барнома механизмҳои мавҷудаи ҳамоҳангсозии байниидоравӣ муносиб гардонида мешаванд. Ин, аз ҷумла ба истифодаи механизми Шӯрои амнияти озуқаворӣ дахл дорад, ки барои ҳамоҳангсозии амалҳо ва қабули қарорҳои дорои хусусияти стратегӣ ва оперативӣ вобаста ба таъмини устувор ва бефосилаи озуқаворӣ барои аҳолӣ таъсис ёфта, ҳамчун намуна барои сохтори нави мақсадноки ҳамоҳангсозии байниидоравӣ барои иҷрои вазифаҳои Барнома дахл дорад. Дар ин сохтор, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд нақши ташаббускор ва ҳамоҳангсози иҷрои ташаббусҳои стратегии марбут ба истифодаи муносиби захираҳои замин ва об, молиявӣ, ислоҳоти низоми таълими кишоварзӣ ва ташаккули донишро, амнияти маҳсулоти ғизоӣ, бехатарии озуқаворӣ ва тадбирҳои дигаре, ки ба рушди системаҳои озуқаворӣ ва кишоварзӣ бахшида шудаанд, бозад (Котибот).

35. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мақоми ҳамоҳангсози ҳамкории байниидоравӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳҳои мавзуиро дар самтҳои стратегии Барнома таъсис медиҳад. Ташаббусҳо ва механизмҳои татбиқи онҳо, ки дар сатҳи гурӯҳҳои мавзуӣ (сатҳи якуми сохтори ҳамоҳангсоз) омода карда шудаанд, барои баррасӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ дар Шӯро пешниҳод карда мешаванд, ки ба ҳайати он сарон/роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор шомиланд.



36. Тақвияти ниҳодӣ таъмини маблағгузории устувор ба низоми кишоварзӣ ва озуқавориро тақозо мекунад. Тибқи арзёбиҳои коршиносон, хароҷоти давлатии Тоҷикистон ба соҳаи кишоварзӣ, ки тақрибан 1 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил мекунад, барои рушди низоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ нокифоя мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон дар шароити болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ба озуқа ва афзоиши ноустуворӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ бояд талаботи аҳолии афзояндаро ба маводи озуқа қонеъ гардонида, барои гуногунсозии бозорҳои хориҷӣ талош кунад. Тибқи гузориши Агентии Рейтингии Америкоӣ «Standard & Poor's», дар Тоҷикистон воридоти маводи ғизоӣ ба 3,5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ наздик шуд, ки ин баландтарин нишондод дар ҷаҳон аст. Инчунин вобастагӣ аз маблағгузории донории шарикони рушд дар хароҷоти давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ омили манфии иловагӣ мебошад. Муайян намудани дараҷаи дақиқи ин вобастагӣ аз сабаби кофӣ набудани маълумоти оморӣ ва методологияи дақиқ хеле душвор аст, аммо тибқи муҳокимаи арзёбишудаи коршиносон, чунин вобастагӣ дар Тоҷикистон нисбат ба Ӯзбекистон, кишварҳои Қафқоз ва мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ баландтар аст. Маълумоти мавҷудаи оморӣ барои баҳогузории эътимодбахш ба сармоягузории бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ имконият намедиҳад, ки ин боиси мушкилоти иловагӣ мегардад. Барои расидан ба ҳадафҳои гузоштаи Барномаи мазкур афзоиши назарраси хароҷоти молиявӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ҳадди ақал барои татбиқи тағйироти ниҳодӣ ва дастгирии инфрасохтор зарур аст. Дар назар аст, ки дар давоми се-чор соли аввали амалисозии Барнома ҳиссаи донорон дар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ бояд боло равад, аммо баъдан, ҳангоми ба низом маблағҳои бештар аз ҷониби бахши хусусӣ ва сармоягузориҳои аввалия ба инфрасохтори давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ ҷалб карда мешаванд, бахши хусусӣ ҳиссаи худро дар ҳаҷми умумӣ тадриҷан зиёд мегардонад.

37. Барои амалисозии бомуваффақияти Барнома ва нақшаҳои амал дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки нақши бахши хусусӣ дар рушд тадриҷан пурзӯр карда шавад. Механизми муколамаи мунтазам бо тарафҳои манфиатдор, бахусус намояндагони бахши хусусӣ барои дарки дақиқи дастовардҳо ва нокомиҳо дар ҷараёни амалисозии Барнома ва ба инобат гирифтани инчунин нуқтаи назари тарафҳои манфиатдор низ дар раванди амалисозӣ зарур аст. Ба ин бо роҳи ташкил намудани платформаи ғайрирасмии тарафҳои манфиатдор, ки метавонанд мунтазам муошират ва мубодилаи афкор намоянд, инчунин давра ба давра вохӯрдан дар чорабиниҳо ва форумҳои махсус ташкилшуда барои муҳокимаи мушкилоти мубрами рушд, пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо, пешниҳоди ташаббусҳо дар шакли муколамаи бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва ғайра ноил шудан мумкин аст. Ин огоҳии тарафҳои манфиатдор оид ба раванди ислоҳоти кишоварзӣ ва шафофиятро баланд бардошта, заминаи дастгирии ислоҳотро аз ҷониби тарафҳои манфиатдор вусъат мебахшад.

§2. Рушди инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ

38. Инфрасохтори самараноки фаъолияткунанда барои низоми озуқаворӣ ва кишоварзии бомуваффақият асос мебошад. Ба туфайли обёрӣ ва ҳолати хуби заҳбурҳо маҷмуи пурраи истеҳсоли арзиши изофа ба даст оварда мешавад, ки ин дар навбати худ дараҷаи амнияти озуқавориро баланд мебардорад. Илова бар ин, хоки хуб ва ҳосилхез, инчунин чарогоҳҳои идорашаванда барои нигоҳ доштани тобоварӣ ба ҳодисаҳои номусоиди табиӣ зарур мебошанд.

39. Дар афзалиятҳои стратегии рушди низоми кишоварзӣ тадбирҳои дастгирии навсозии инфрасохтори обёрӣ ва шабакаҳои заҳкашӣ мавқеи муҳим доранд. Беҳтар намудани инфрасохтори обёрӣ ва шабакаи заҳбурҳо боиси баланд шудани ҳосилнокӣ, паст шудани арзиши аслии маҳсулот, зиёд шудани номгӯйи он, инчунин диверсификатсияи зироатҳо мегардад. Тибқи арзёбии Бонки Ҷаҳонӣ 85 фоизи заминҳои корам обёрӣ карда мешавад, ки ин беш аз 90 фоизи арзиши умумии маҳсулоти растаниро таъмин мекунад. Дар баробари ин, сабаби навсозии таъхирнопазири ин низом дар он аст, ки ҳосилнокии зиёда аз 40 фоизи заминҳои обёришаванда аз кори стансияҳои насосӣ (нишондиҳандаҳои баландтарин дар Осиёи Марказӣ) вобаста аст. Ин амалияи бесамар буда, тақрибан 20 фоизи ҳаҷми умумии неруи барқро масраф менамояд ва худ ба захираи гаронбаҳо табдил меёбад. Такмил додани обёрӣ ва заҳкашӣ ҳамчун як тадбири баланд бардоштани устувории соҳаи кишоварзӣ ба ҳолатҳои хушксолӣ ва обхезӣ, ки барои Тоҷикистон мушкилоти ҷиддӣ ба шумор мераванд, арзёбӣ мешавад.

40. Ташаккули сиёсат ё стратегияи дарозмуддати обёрӣ ҷиҳати бунёди низоми худмаблағгузорӣ афзалияти муҳими Барнома ба ҳисоб меравад. Айни замон ин бахш аз ҳисоби воридоти мустақими маблағҳо барои пардохти ҳаққи неруи барқ, субсидияҳои давлатӣ барои пардохти музди меҳнати кормандони стансияҳои обкашӣ, даромад аз ҳаққи хизматрасонии обёрӣ, саҳмияҳои 400 ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО), ки хоҷагиҳои деҳқонӣ аъзои онҳо мебошанд, маблағгузорӣ мешавад. Дар ин самт фаъолияти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани иқтидори АИО ҷиҳати нигоҳдории инфрасохтори давлатии дохилихоҷагии обёрӣ ва шабакаҳои заҳкашӣ равона карда шудааст. АИО, барои он ки ҳавасманд ва маблағгузорӣ карда мешаванд, ки минбаъд барои бо қувваи худ хароҷоти истифода ва нигоҳдории инфрасохтори дохилихоҷагӣ қодир бошанд. Ин афзалиятҳо дар чаҳорчӯбаи Барномаи ислоҳоти бахши об амалӣ мешаванд, ки тадбирҳои онҳо ба ҳадафҳои Барномаи мазкур дар доираи механизмҳои пешбинишудаи ҳамкориҳои байниидоравӣ мувофиқ карда мешаванд. Айни замон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини оқилонаи об, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти кишоварзӣ дар



маҳалҳо барои ташкили модулҳои илман асосноки тақсимоти зироатҳои обӣ ва сохтори майдонҳои кишт ва ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияҳои нав, аз ҷумла обёрии катрагӣ имконият фароҳам меоварад. Ҳадафи корҳо дар ин самт таҳкими заминаи технологӣ ва дониши АИО ва хоҷагиҳои деҳқонӣ барои мустақилона ба нақша гирифтан ва ҷорӣ намудани модули муносиби истифодаи об мебошад, ки ҳосилнокӣ, навъ ва сифати маҳсулотро зиёд мекунад. Бо ҷалби Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ташкили қитъаҳои намоишӣ пешбинӣ шудааст, ки дар онҳо омӯзиш ва семинарҳо барои баланд бардоштани дониши деҳқонон оид ба истифодаи технологияи пешқадами обёрӣ ва идоракунии об гузаронида мешаванд.

41. Гурӯҳи алоҳидаи тадбирҳои Барнома ба дастгирии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истифодаи захираҳои замин, аз ҷумла усулҳои ҳамгирошудаи идоракунии чарогоҳҳо ва беҳтар намудани танзим ва риояи қонун барои кам кардани таназзули замин, ҳамчун яке аз шартҳои асосии рушди устувори кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ дар кишвар равона карда мешаванд. Ҷорӣ намудани технология ва усулҳои мукаммали истифодаи замин ва хок барои нигоҳ доштани қобилияти барқароршавӣ дар шароити афзоиши сарборӣ ба хок аз сабаби зарурати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, пешбурди нақшаҳои нави идоракунии чарогоҳҳо, ҷорӣ намудани технология, аз қабили коркарди бешудгори замин ва ғайра зарур аст. Ин тадбирҳо қисми таркибии барномаи давлатии мунтазам таҷдидшавандаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарор намудани заминҳои аз муомилоти кишоварзӣ хориҷшуда мегарданд. Қисми муҳимми тадбирҳои мазкур ҳамоҳангсозии байниидоравӣ мебошад.

42. Барнома дар заминаи рушди инфрасохтор ба пешбурди низоми муассир ва банақшагирии мавсимии огоҳии пешакӣ бо нигоҳдории боэътимоди маълумоти бисёрсолаи обу ҳаво аз рӯйи минтақаҳо нигаронида шудааст. Минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон зери ҳар гуна хавфҳо қарор доранд, аз қабили ҳарорати аз ҳад паст ва аз ҳад баланд, жола, обхезӣ, хушксолӣ ва ғайра. Илова бар ин, пайдоиши ҳашароти зараррасон ва бемориҳо асосан аз сабаби тағйироти обу ҳаво вобаста аст. Чунин низомҳо дар масъалаи банақшагирии дурусти чорабиниҳои кишоварзӣ, инчунин сармоягузорӣ ба истеҳсоли зироатҳои хос кумаки амалӣ расонда метавонанд. Низоми самараноки огоҳонии барвақтӣ хавфҳоро на танҳо барои хоҷагиҳои деҳқонии алоҳида, балки умуман, барои соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ коҳиш медиҳад, зеро маълумоти хуб таҳлилшуда дар бораи ҳарорат ва боришот ба идоракунии ҳамгирошудаи чарогоҳҳо ва истифодаи устувори замин мусоидат мекунад. Ин талошҳо қисми тадбирҳое мебошанд, ки барои ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои хориҷшуда ва обёрии заминҳои нав равона карда мешаванд. Масълаҳои ташкили стансияҳои таҷрибавии обуҳавосанҷӣ, стансияҳои огоҳкунии пешакӣ барои деҳқонон ва нав кардани стансияҳои мавҷуда барои ба талаботи деҳқонон мутобиқ

намудани онҳо ба ҳайси тадбирҳо баррасӣ карда мешаванд. Аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шарикони рушд гурӯҳи кории соҳавӣ таъсис дода мешавад, ки ҷиҳати ташкили стансияҳои таҷрибавӣ дар асоси ниёзҳои мушаххаси минтақаҳо ва ба низом даровардани вазифаҳо ва ваколатҳо оид ба таъсиси низоми огоҳонии барвақтӣ фаъолият хоҳад кард. Низоми огоҳонии барвақтӣ ба деҳқонон барои идоракунии хавфҳо маълумот пешниҳод менамояд. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҷамъоварии маълумотро оид ба истифодаи заминҳои кишоварзӣ таъсис медиҳад. Ба деҳқонон дар бораи таъсири ҳодисаҳои хавфноки иқлимӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пайдоиши ҳашароти зараррасон ва бемориҳо тавассути ташхиси фосилавӣ, ҷамъоварӣ ва мониторинг дар маҳал маълумот пешниҳод карда мешавад. Барои афзун намудани имкониятҳои корхонаҳои кишвар ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати мутобиқшавии онҳо ба тағйирёбии иқлим омӯзишу семинарҳо гузаронида, барои ин аз имкониятҳои ВАО васеъ истифода бурда мешавад. Ба масъалаҳои баланд бардоштани иқтидори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти метеорологӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Саъю кӯшишҳо ба ҳамгироии ҷамъоварии маълумот, интиқоли иттилооти муҳим барои хоҷагиҳои деҳқонӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои мобилӣ бо дарназардошти мутобиқсозии равандҳо ва функсияҳои маъмурӣ равона карда мешаванд.

### §3. Рушди низоми интишори иттилооти кишоварзӣ ва омӯзонидани донишҳо

43. Иттилоот, дониш ва технология унсурҳои калидии рушди соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ мебошанд, ки ба беҳтар намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, васеъ намудани доираи маҳсулоти истеҳсолшаванда ва бо хароҷоти камтар ноил шудан ба ин ҳадафҳо мусоидат мекунанд. Дар Тоҷикистон бо дарназардошти паст будани ҳосилнокӣ, диверсификатсияи нокифоя ва мушкилиҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ талабот ба ташкили низоми ҷамъоварӣ, мубодила ва такмили дониш ба миён омадааст, ки ба деҳқонон имконият медиҳад, тавассути маҳсулоти бештар, хубтар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол намоянд.

44. Ҳадафи Барнома ба тартиб даровардани дониш ва иттилооте мебошад, ки дар муҳити деҳқонон, тадқиқотчиён, бахши давлатӣ ва тарафҳои манфиатдори дигар мавҷуданд. Қисми ҷудонашавандаи ин афзалияти стратегӣ дастгирии шаклҳои гуногуни ҷамъоварӣ ва паҳнкунии дониш ва иттилоот, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, хадамоти алоқаи мобилӣ, паҳнкунандагони захираҳои истеҳсолӣ, низоми тадқиқотӣ ва доираҳои академӣ мебошад. Барои ҳамаи тарафҳои



манфиатдор хеле муҳим аст, ки диққати худро ба ҷамъоварӣ ва паҳн кардани иттилооти ба истилоҳ «манфиати ҷамъиятӣ», ки онро иштирокчиёни бозор умуман ё ба миқдори кофӣ истеҳсол карда наметавонанд, равона созанд. Ин тадбири стратегӣ рушди чунин низоми интиқоли иттилоот ва донишро дар назар дорад, ки дар он ташкилотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳамдигарро ба манфиати деҳқонон пурра мекунанд.

45. Ташкилотҳои давлатӣ дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилоот ва дониш нақши муҳим мебозанд. Азбаски айни замон бахши хусусӣ аз сабаби надоштани таҷрибаи кофӣ, нарасидани қувваи корӣ ва сармоя ба паҳн намудани иттилоот ва дониш омода нест, аз шабакаи хеле калони муассисаҳои давлатии илмие, ки дар мамлакат фаъолият доранд, аз ҷумла аз имкониятҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ки дар бисёр соҳаҳои кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ донишҳои пурқиммати илмӣ доранд, истифода бурдан зарур аст. Барои шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқоние, ки аз рӯйи ҳаҷм, ҷойгиршавӣ ва хусусиятҳои дигар бо хизматрасонии машваратии хусусӣ фаро гирифта намешаванд, дастрасӣ ба хизматрасонии давлатӣ аҳамияти ҳалкунанда хоҳад дошт.

46. Ин тадбири стратегӣ таъсиси марказҳои дониши аграрӣ ва инноватсияҳоро барои истифодаи умумӣ аз ҷониби ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Механизме таъсис дода мешавад, ки масъалаҳои гузаронидани тадқиқот, таълим, ташаккул ва паҳн намудани дониш ва технологияҳои инноватсиониро тавассути намоишҳо, стансияҳои таҷрибавӣ ва ғайра муттаҳид менамояд. Тадбирҳои Барнома ба ҳавасмандгардонии рақобати одилона ва шабакаҳои сершумори мустақили дониш ва иттилоот то ҳадди имкон бо мақсади баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳо равона карда мешаванд. Ин тадбири стратегӣ муайянсозӣ ва тавсифи таҳвилгарони хизматрасонии хусусӣ оид ба интишори дониш бо мақсади муайян намудани шаклҳои беҳтарини ҳамкорӣ байни созмонҳои давлатӣ ва хусусиро пешбинӣ менамояд. Бо мурури замон ҳадаф бояд ҳарчи бештар вогузор намудани масъулият ба зиммаи бахши хусусӣ гардад ва дар соҳаи идоракунии давлатӣ нигоҳ доштани баъзе салоҳиятҳое бошад, ки бахши хусусӣ иҷро карда наметавонад.

47. Самти дигари рушди низоми паҳнкунии дониш ва иттилоот дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳоди оммавии иттилоот ва машваратҳо тавассути шабакаҳои гуногуни интиқоли иттилоот - воситаҳои чопӣ, радио ва технологияҳои электронӣ мебошад. Деҳқонон бояд дар интихоби шабакаи дастрасӣ ба иттилоот озод бошанд. Дар аввал самти мазкур аз ҷониби шарикони рушд дастгирии назаррасро талаб мекунад ва бо мурури замон аз ҷониби бахши давлатӣ ва баъдтар қисман аз ҷониби бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад.

48. Барномаҳои телевизионӣ дар шабакаҳои марказӣ ва маҳаллӣ яке аз мисолҳои ҷалб намудани оммаи деҳқонон мебошад. Барномаҳои мушаххаси телевизионӣ, барномаҳои намоишӣ, ки бо паҳн намудани

дониш ё рушди соҳаи кишоварзӣ алоқаманданд, намоиш дода шаванд. Барномаҳои радио имконияти дигари паҳн кардани дониш ва иттилоот мебошанд. Аудиторияи оммавии деҳқонон метавонад бо китобчаҳои хурд ва брошюраҳои мақсаднок бо забони барои деҳқонон дастрас фаро гирифта шаванд. На ҳама деҳқонони деҳот ба интернет дастрасӣ доранд. Ҳамин тариқ, воситаҳои мазкурро ҳамчунин барои паҳн намудани дониш ва иттилоот самаранок истифода бурдан мумкин аст. Барои кор дар ин самт захираҳои инсонӣ ба қадрӣ кофӣ мавҷуд аст, аз ҷумла аз сарчашмаҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои таълимӣ, намояндагони бахши хусусӣ, кишоварзон ва шарикони рушд метавон истифода кард. Боз як имконияти дигар истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилооту мавод оид ба истеҳсол, маркетинг, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва ғайра мебошад. Барнома инчунин интиқоли дониш ва иттилоотро тавассути марказҳои хизматрасонӣ ба деҳқонон ё платформаҳои дигари муташаккил пешбинӣ мекунад.

49. Барнома дар баробари дастгирии интишори оммавии иттилоот таҳияи равишҳои махсусро барои хоҷагиҳои деҳқонии минтақаҳои осебпазири дурдаст, ки дар масъалаи дастрасӣ ба иттилоот оид ба истеҳсол, захира, маркетинг ва иттилооти дигари муҳим душворӣ мекашанд, пешбинӣ менамояд. Барои бо усули «як ба як» паҳн намудани дониш истифодаи коршиносони пуртаҷриба тавсия дода мешавад. Инро, масалан, тавассути мақомоти маҳаллии ҳокимият ташкил кардан мумкин аст. Ба дуруст тавсиф намудани низомҳои пешбурди кишоварзӣ, ки хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои дурдасти осебпазир истифода мекунанд, диққати махсус додан лозим аст.

50. Яке аз самтҳои муҳимми Барнома дар масъалаҳои паҳн намудани дониш дар соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ ва тадқиқоти илмӣ мебошад. Барои ин бозбинии батафсили таҳсилоти касбӣ, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ, муайян намудани афзалиятҳо ва таҳия намудани барномаҳои махсуси таълимӣ барои ташаккули низоми бозомузӣ зарур аст. Барои ҷавонон аз рӯйи ихтисосҳои мушаххас, ки дар онҳо норасоии кадрҳои тахассусии зарурӣ дида мешавад, ҳавасмандгардонии махсус ташкил кардан лозим аст.

51. Барнома тадбирҳоро ҷиҳати муайян намудани стратегияи истифодаи технологияҳои инноватсионии иттилоотӣ ва коммуникатсиониро барои ҳалли як қатор масълаҳои соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ пешбинӣ менамояд. Ҷорӣ намудани технологияҳо ва воситаҳои рақамӣ дар низоми кишоварзӣ ва озуқаворији Тоҷикистон барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, истифодаи устувори захираҳо, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва паҳн намудани дониш иқтидори бузург дорад. Илова бар ин, кишоварзии рақамӣ метавонад имкониятҳои шуғлро барои ҳамаи гурӯҳҳо, аз ҷумла занон, ҷавонон ва қишрҳои осебпазири аҳолӣ беҳтар созад. Он, инчунин метавонад дар ҳалли масъалаҳои истифодаи об, идоракунии чарогоҳҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим муфид



бошад. Шарикони рушд метавонанд бо таҳвилгарони хусусии хизматрасонӣ барои осон гардонидани дастрасии деҳқонони хурд ба бозорҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ тавассути платформаи онлайн дар асоси таҷрибаи кишварҳои дигар санҷидашуда ҳамкорӣ кунанд.

52. Унсурҳои эҳтимолӣ барои дохилкунӣ:

- маълумот дар бораи нархҳо дар бозорҳои асосии дохилӣ ва хориҷӣ;
- хизматрасониҳои машваратии агрономӣ оид ба маҳсулоти боғдорӣ вобаста ба захираҳои кишоварзӣ;
- имкониятҳои фурӯши маҳсулоти калонҳаҷм барои хоҷагиҳои деҳқонии хурд вобаста ба ҷойгиршавӣ;
- имконияти ҳамлу нақли омехта ба бозорҳои калон вобаста ба ҷойгиршавӣ.

## §4. Амнияти озуқаворӣ ва бехатарии ғизо

53. Афзоиши босуръати аҳолӣ ва ҷараёни шаҳришавӣ ба соҳаи низоми кишоварзӣ ва озуқаворӣ дар робита бо амнияти озуқаворӣ талаботи иловагӣ эҷод менамояд. Барои Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ барои гурӯҳҳо ва минтақаҳои осебпазир, аз ҷумла занон хеле муҳим аст. Афзоиши бесуботи байналмилалии сиёсӣ ва бесарусомонӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мушкилоти эҳтимолии Тоҷикистонро, ки ба баҳр роҳи баромад надорад ва аз воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ, аз қабили ғалладона, равған ва шакар вобастагии калон дорад, душвортар месозад. Ин мушкилот зарурати таъсис додани низоми боэътимодро барои пешгӯии бухронҳои эҳтимолии озуқаворӣ ва эътинои зуд ва самаранок ба онҳо ба миён меоварад.

54. Низоми рушдёфтаи мониторинги амнияти озуқаворӣ бояд шарти ҳатмии низоми хуб фаъолияткунанда бошад, ки ҷамъоварии мунтазами маълумот оид ба истеҳсол, тақсимот, хароҷот, нархҳо, талаботи ҳадди ақал барои кӯдакон ва калонсолон, маълумоти минтақавӣ, маълумот оид ба савдои байналмилалӣ ва ҳаракати нархҳоро дар бар гирад. Дар Барнома оид ба таҳия ва васеъ намудани доира, сифат ва тафсилоти маълумот ва иттилооти оморӣ оид ба амнияти озуқаворӣ тадбирҳо пешбинӣ шудаанд. Инчунин дар доираи ҳамкории байнидоравӣ маҷмуи нишондиҳандаҳо барои арзёбии вазъият ва дурнамои амнияти озуқаворӣ таҳия ва мунтазам нав карда мешаванд.

55. Таҳияи низоми эътинои фаврӣ ба бухронҳои амнияти озуқаворӣ ва рӯйхати воқеии сенарияҳо пешбинӣ мегардад, ки дар онҳо дахолати давлатӣ барои таъмини аҳолӣ бо маҷмӯи ҳадди ақалии озуқаворӣ алалхусус барои гурӯҳҳои осебпазир имконпазир аст. Барои сенарияҳои мушаххас, минтақаҳои ва гурӯҳҳои аҳолии мушаххас дар асоси маълумот ва таҳлилҳое, ки ба туфайли ҷорӣ намуданӣ низоми мониторинги амнияти озуқаворӣ дастрас мебошанд, нақшаҳои амал таҳия карда мешаванд. Дар мувофиқа бо бахши хусусӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии афзоиши маҳсулнокӣ, паст ва диверсификатсия кардани хавфҳо дар сатҳи хоҷагиҳои

деҳқонӣ, такмил додани низоми логистикӣ, маркетинг ва ғайра тадбирҳо андешида мешаванд.

56. Шӯрои амнияти озуқаворӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамоҳангсозии амалҳо ва қабули қарорҳои дорои хусусияти стратегӣ ва фаврии марбут ба таъмини устувор ва муттасили аҳолӣ бо озуқаворӣ таъсис дода шудааст, дар ҳамоҳангсозии ҳамаи масъалаҳои баррасишавандаи амнияти озуқаворӣ нақши муҳим дорад. Ҷоннок гардонидани фаъолияти Шӯрои навтаъсис, мушаххас намудани ҳайат ва ваколатҳои он, инчунин механизмҳои қабули қарорҳо, мунтазамии ҷаласаҳо баргузории асосии чораҳоро ҷиҳати беҳтар намудани ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дар ин масъалаҳо нақша ташкил медиҳад.

§5. Бехатарии маҳсулоти хурокворӣ,
саломатии ҳайвонот ва ҳифзи растаниҳо

57. Айни замон дар Тоҷикистон низоми бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ба равиши ба ном «аз ферма то ба дастурхон» равона нагардидааст. Низоми назорат ба бехатарии маҳсулоти ниҳоӣ татбиқ карда мешавад, ки ин муносибати муассир ва асоснок нест. Низоми амалкунанда низоми мураккаби стандартҳо ва сертификатсияро ба вуҷуд меорад, ки ба талаботи муосири байналмилалии эътирофгардида ҷавобгӯй нест. Низоми мазкур такроршавии вазифаҳои субъектҳои мухталифи масъули бехатарии маҳсулоти хурокввориро тавсиф менамояд, ки самаранокии низомро боз ҳам коҳиш медиҳад.

58. Тамоюлҳои демографӣ дар Тоҷикистон, ки дар афзоиши босуръати шумораи истеъмолкунандагонӣ шаҳрӣ зоҳир мешаванд, ислоҳоти низоми бехатарии маҳсулоти хӯрокввориро тақозо мекунанд. Илова бар ин, бо дарназардошти афзоиши даромади содиротӣ аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, бе таҷдиди низоми бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ба он ноил шудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ин афзалияти стратегии Барнома ба фароҳам овардани заминаи зарурии низоми муосири амалии бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла назорати санитарӣ, фитосанитарӣ ва байторӣ нигаронида шудааст.

59. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар бораи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ва мусоидат ба амалигардонии стандартҳои бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ дар байни истеҳсолкунандагони ибтидоӣ ва коркардкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ ҳадафҳои асосии Барнома мебошанд. Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ рақобатнокии маҳсулоти Тоҷикистонро ҳам дар бозори маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ баланд мебардорад. Ин вазифа тавассути беҳтар намудани ҳамкории тарафҳои манфиатдор ва муносиб гардонидани вазифаҳои субъектҳои гуногун, инчунин маъракаи мақсадноки иттилоотӣ дар шабакаҳои телевизионӣ, иҷтимоӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

60. Дар ин самти стратегӣ таҷдиди назар намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» бо мақсади



ворид намудани принсипҳои дақиқи сиёсати бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, масъулияти ҳукумат ва бахши хусусӣ, инчунин салоҳияти мақомоти давлатӣ оид ба арзёбӣ ва назорати бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин низоми мукаммали мушаххаскунӣ ва бақайдгирии ҳайвонот таҳия ва ҷорӣ карда мешавад. Дар низоми мазкур ҳамчунин тадбирҳои минтақавӣ ва таснифотӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои содироти маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ, новобаста аз вазъи умумии эпизоотӣ дар кишвар, пешбинӣ шудааст. Барои таъмини баҳодиҳии мутобиқат таҷдиди озмоишгоҳҳо ва баланд бардоштани иктидори мақомоти сертификатсия ва назорат ва мақоми аккредитатсия дар якҷоягӣ бо навсозии озмоишгоҳҳои ҳаҷмченкунӣ (калибрченкунӣ) ва пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба калибрченкунии дасгоҳҳои ченкунӣ ба корхонаҳо ва озмоишгоҳҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ХАССП (таҳлили хавфҳо ва нуқтаҳои буҳронии назоратӣ) дар тамоми занҷираи таҳвили маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла қассобхонаҳо ва корхонаҳои дигари саноатии хӯрокворӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи беҳтарини кишоварзӣ тибқи талаботи стандарти байналмилалии GLOBAL GAP пешниҳод карда мешавад. Нақшаҳои баланд бардоштани иқтидори бахши хусусӣ дар ҷорӣ намудани принсипҳои ХАССП ва GLOBAL GAP ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи онҳо дар доираи Барномаи мазкур тавассути таҳия ва амалисозии нақшаҳои мақсаднок пурзӯр карда мешаванд.

61. Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин тавассути рушди иқтидор дар соҳаи байторӣ баррасӣ карда мешавад. Корҳо дар ин соҳа дар якчанд самт вусъат меёбад. Аввалан, заминаи ҳуқуқии соҳаи байториро такмил додан лозим аст. Баъдан, таҷдиди иқтидори муассисаҳои таълимӣ ва илмии байторӣ тариқи мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ бо талаботи Бюрои байналмилалии эпизоотикӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимии байторӣ, навсозии инфрасохтори муассисаҳои таълимии байторӣ тақвияти иқтидори ҳайати профессорону омӯзгорон, таҳкими мавқеи пешсафи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар таҳияи барномаҳо ва модулҳои таълимии таҳсилоти муттасили касбӣ зарур аст. Вазифаи муҳимми тақвияти иқтидори хадамоти байторӣ азнавташкилдиҳии сохтор ва таҳкими механизми ҳамоҳангсозӣ, инчунин вусъатдиҳӣ ва ҷиҳозонидани техникии шабакаи озмоишгоҳҳои байторӣ ва нуқтаҳои байтории сарҳадӣ, таҳияи барномаи назорати доруҳои биологӣ, таъсиси барномаҳои назорати саломатии ҳайвонот, таҳкими иқтидори кормандони назорати байторӣ, таъсис додани фонди ҳолатҳои фавқулода, беҳтар намудани идоракунии партовҳои ҳайвонот, таҳия ва ҷорӣ намудани низомҳои коммуникатсионӣ ва иттилоотии хадамоти байторӣ дар асоси технологияҳои иттилоотӣ, баланд бардоштани иқтидори байторони хусусӣ, додани баъзе ваколатҳои расмӣ ба байторони хусусӣ ва дар маҷмуъ фароҳам овардани фазои мусоиди тиҷорат барои рушди байтории тиҷоратиро талаб менамояд. Бахши хусусӣ дар таҳияи тағйироти зарурии

қонунгузорӣ ва ниҳодӣ тавассути механизми муколамаи давлат ва бахши хусусӣ фаъолона ҷалб карда хоҳад шуд.

62. Риояи талаботи фитосанитарӣ механизми муҳимми ноил шудан ба амнияти фитосанитарӣ ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад. Барои кам кардани зарар ба киштзор ва нигоҳ доштани ҳосил назоратро аз болои шумораи организмҳои карантинӣ ва бемориовар, аз ҷумла ташхиси онҳо, муайян намудани минтақаҳои аз микроорганизмҳои касалиҳои карантинӣ озод, ба нақшагирии салоҳиятноки чорабиниҳои дахлдорро тақвият бахшидан зарур аст. Тадбирҳо дар ин самт такмили қонунгузории амалкунанда, регламентҳои техникӣ, стандартизатсия ва назорати давлатӣ ва таҷдиди системаи бақайдгирии пеститсидҳо ва моддаҳои кимиёвии барои истифода иҷозатшударо дар бар мегиранд. Зарур аст, ки тадриҷан ба пеститсидҳои барои инсон ва муҳити зист, камзарар гузашта, расмиёти дақиқи азнавбаҳодиҳӣ ва тасдиқи пеститсидҳои барои истифода иҷозатшуда таҳия карда шавад. Дар минтақаҳое, ки аз пестисидҳо зиёд истифода мебаранд, таъсири пестисидҳо ба растаниҳо ва муҳити зист, аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми огоҳонии пешакии паҳншавии организмҳои бемориовар (патогенӣ) кам карда мешавад. Ғайр аз ин, истифодаи воситаҳои биологии мубориза бо ҳашароти зарраррасонро ташвиқ намуда, омӯзиши кишоварзонро гузаронидан зарур аст. Бо мақсади ҳифзи ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳуҷум ва паҳншавии организмҳои касалиовар бояд усулҳои ташхиси онҳо, пешгӯӣ ва гузаронидани чорабиниҳои дахлдори пешгирикунанда бар зидди онҳо ҷорӣ карда шаванд. Феҳристи ягонаи субъектҳое, ки бо истеҳсол, коркард, фурӯш, нигоҳдорӣ, содирот ва воридоти маҳсулоти растанӣ машғуланд, тартиб дода мешавад. Барои кам кардани фишори маъмурӣ ба соҳибкорӣ ва пешгирии пайдоиши маҳсулоти қалбакӣ дар бозор бояд фаъолияти мақомоти назорати давлатӣ муносиб гардонида мешавад. Такмил додани низоми хизматрасонии фитосанитарӣ, ки бояд тавассути ташкили баҳодиҳии иқтидори фитосанитарии Конвенсияи байналмилалии ҳифзи растанӣ амалӣ карда шавад, муҳим мебошад. Ин ба Ҳукумат имконият медиҳад, ки барои бартараф намудани камбудиҳои дар низоми фитосанитарии ошкоршуда нақшаи амал таҳия намояд. Барои дастгирии содироти маҳсулоти растанипарварӣ зарур аст, ки низоми сертификатсияи фитосанитарӣ бо дарназардошти фароҳам овардани шароит барои додани сертификатҳои электронӣ ва механизмҳои пайгирии онҳо таҷдид карда шавад. Дар Барнома оид ба таъсис ва таҳкими низом ва иқтидори озмоишгоҳҳои санҷиши бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, хок ва об тадбирҳо пешбинӣ шудаанд.

§6. Силсилаҳои истеҳсол ва фурӯши самараноки фаъолияткунанда

63. Айни замон низоми агроозуқавории Тоҷикистон бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст, зеро он барои истодагарӣ ба таҳдидҳои афзояндаи ҷаҳонӣ омодагии кофӣ надорад. Ин афзалияти стратегии Барнома ба фароҳам овардани шароити зарурӣ ва таҳкими иқтидор барои фаъолияти босамари занҷираҳои истеҳсолу фурӯш дар Тоҷикистон ҳам дар истеҳсолоти ибтидоӣ



ва ҳам дар коркард нигаронида шудааст. Дар аксари самтҳо, аз қабили селексия, воситаҳои тухмӣ ва кӯчат, технология, молия, кадрҳои касбӣ, техника, маркетинг ва ғайра пешравиҳои таъҷилӣ заруранд.

64. Ташкили низомҳои агроозуқаворӣ тавассути кластеркунонӣ. Кластеркунонӣ аксар вақт бо рушди кишоварзии қарордодӣ мувофиқат мекунад, ки он ҳамгироии занҷираи арзиши истеҳсолу фурӯши «истеҳсолкунанда - коркардкунанда»-ро тавассути созишномаҳои дарозмуддати шартномавӣ байни коркардкунанда ва шумораи зиёди истеҳсолкунандагон дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, кластеркунонии занҷираҳои арзиши иловашудаи кишоварзӣ ба таври анъанавӣ ҳамчун ташаббуси бахши хусусӣ дар посух ба имкониятҳои микёс ва фарогирӣ таҳаввул ёфт. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки кӯшишҳои Ҳукумат барои сармоягузорӣ ба инфрасохтор бо мақсади тақлид ба бозор тавассути таъсиси кластерҳо ё агропаркҳо асосноккуниҳои густурдаи техникию иқтисодӣ ва машваратҳоро бо бахши хусусӣ барои муайян намудани он, ки чи тавр давлат метавонад дар шакли беҳтарин рушди кластерҳоро дастгирӣ намояд, дар бар гирад.

65. Ҷиҳати рушди низоми чорводорӣ захираҳои генетикии чорворо беҳтар кардан лозим аст, то ки ба парвариши зотҳои пурқуввату тобовартар мусоидат карда шавад. Мушкилоти сифати пасти генетикӣ ин боиси паст шудани маҳсулнокии чорво ва осебпазирии онҳо ба бемориҳо дар натиҷаи ғизодиҳии номутаносиб ва маҳдуд афзунтар мешавад, ки мегардад. Ширҷӯшӣ дар Тоҷикистон ҳатто аз рӯйи меъёрҳои минтақавӣ хеле паст аст. Сатҳи огоҳии деҳқонон дар бораи саломатӣ ва нигоҳубини чорво паст мебошад. Хадамоти байторӣ суст инкишоф ёфтааст, ки ин боиси зиёд шудани хатари эпизоотӣ дар кишвар гардида, ба рушди чорводорӣ халал мерасонад. Барои ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда ба омӯхтан, барқарор ва беҳтар намудани зотҳои ҳайвонот, парандаҳо, моҳӣ ва популятсияи онҳо диққати махсус додан лозим аст. Ба беҳтар намудани зоти ҳайвонот ва парандаҳо дар минтақаҳо ташкили хоҷагиҳои зотпарварӣ, системаи ягонаи баҳисобгирии зотпарварӣ, марказҳои хизматрасонӣ оид ба фаъолияти зотпарварӣ ва бордоркунии сунъии ҳайвонот мусоидат мекунанд. Методологияи маҳаллии зотпарварӣ, парвариши барзаговҳо, арзёбии генотип дар марҳилаҳои аввали рушд, муайян ва истифодаи минбаъдаи зотҳои имконпазири ҳайвоноти дорои иқтидори беҳтаршаванда таҳия карда мешавад.

66. Бо мақсади рушди чорводории интенсивӣ зотҳои сермаҳсули аз хориҷа овардашуда ва тавсияҳо оид ба тақсимоти минтақавии онҳо таҳия ва санҷида шуданд. Барномаҳои зотпарварӣ оид ба беҳтар намудани зоти ҳайвоноти кишоварзӣ, парандаҳо ва стандартҳои нави зотҳо тартиб дода мешаванд. Ба омӯзиши вазъи эпизоотӣ ва мавҷудияти бемориҳои паразитӣ дар минтақаҳое, ки ҳайвонот ва парандаҳои интродуксионӣ ҷойгир шудаанд, диққати махсус дода мешавад.

67. Барои таъсиси заминаи мустаҳками хӯроки чорво чарогоҳҳо ва марғзорҳои табиӣ тадқиқ карда мешаванд. Нигоҳ доштани гуногунии

табиӣ ва ҳифзи навъҳо хеле муҳим аст. Имкониятҳои диверсификацияи хӯроки чорво ва истеҳсоли устувори хӯроки чорво зери омӯзиш ва истифода қарор мегиранд. Омӯзонидани кормандони техникӣ оид ба бордоркунии сунъии ҳайвонот ва такмили ихтисоси селексионерҳо ба роҳ монда мешавад. Барои кормандони марказҳои иттилоотию машваратӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии деҳқонон омӯзишҳои махсус гузаронида мешаванд.

68. Чораи мазкур дар ҳамкории зич бо вазорату идораҳои соҳавӣ, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва ташкилотҳои онҳо, инчунин намояндагони бахши хусусӣ амали карда мешавад. Кумаки донорҳо, алалхусус, дар марҳилаи аввали амалисозӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад .

69. Дар Барнома дар самти рушди истеҳсоли тухмии репродуктивӣ ва маводи кӯчат, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ заруранд, тадбирҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба барқарорсозӣ ва рушди истеҳсоли тухмӣ ва маводи кӯчати мутобиқ ба шароити хоку иқлими Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

70. Рушди кишоварзӣ ва агротиҷоратро бидуни коркард ва тақсимоти дурусти баъди ҷамъоварӣ, ки тозакунӣ аз алафҳои бегона, ҷамъоварӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, бастабандӣ, нигоҳдории сардхонаҳо, тамғагузорӣ ва ғайраро дар бар мегирад, тасаввур кардан душвор аст. Айни замон дар Тоҷикистон имконияти истеҳсолкунандагони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ маҳдуд аст, дастрасӣ ба бозорҳои муосир бошад, мавҷудияти шабакаҳои хуб ва роҳ мондашудаи шабакаҳои логистикӣ ва шабакаҳои фурӯши маҳсулотро тақозо мекунад. Барнома гузаронидани тадқиқоти миллӣ ва минтақавиро оид ба талабот ба таҷҳизоти коркард, тақсимот ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пас аз ҷамъовариро пешбинӣ менамояд.

71. Дар ин самт марказҳои агрологистикӣ, ки маҷмуи инфрасохтори муттаҳидсозӣ, нигоҳдорӣ, фурӯши маҳсулот, таъсиси ҷойҳои корӣ ва арзиши иловашуда иборат мебошанд, нақши махсус мебозанд. Оид ба ташкил ва истифодаи инфрасохтори анборҳо ва сардхонаҳо барои ашёи хом, маҳсулоти коркард ва логистика (муттаҳидшавии яклухт), ки барои зиёд намудани муҳлати нигоҳдорӣ, нигоҳ доштани сифат ва бозоргирии маҳсулот, инчунин васеъ намудани шабакаҳои тақсимот имконият фароҳам меоранд, тавсияҳо дода мешаванд. Дар Барнома ба рушди инфрасохтори нигоҳдории баъдиҷамъоварӣ ҳамчун воситае, ки ба деҳқонон имконият медиҳад барои маҳсулоти худ ҳиссаи бештари нархи фурӯшро гиранд, диққати махсус дода мешавад. Анборҳо, инчунин барои кам кардани талафоти пас аз ҷамъоварии ҳосил муҳиманд. Барои ҷалби технологияҳои пешрафта, беҳтар намудани ҷойгиршавии анборҳо ва логистика, ҷалби захираҳои молиявӣ ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ тадбирҳо пешбинӣ шудаанд. Барои муҳокима ва пешбурди сармоягузорӣ дар занҷираи истеҳсолу фурӯш аз ҳисоби сармоягузорӣ ба таҷҳизоти пас аз ҳосилғундорӣ, коркард (аз ҷумла коркарди хурдҳаҷм дар ферма), инчунин ҳамгирой ва такмили ҳамаи ҳалқаҳои занҷири арзиши иловашуда



семинарҳо ва чорабиниҳои омӯзишӣ гузаронда мешаванд. Имкониятҳои тақсими хароҷот ва дастгирии мутаносиби грантӣ барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба ин соҳаҳо омӯхта мешаванд ва дар ҳолатҳои имконпазир татбиқ мегарданд.

72. Барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар занҷираҳои дастрасӣ ба захираҳо ва хизматрасониҳои баландсифат зарур аст. Яке аз мушкилот мавҷуд набудани захираҳо ва хизматрасониҳои баландсифат мебошад. Ин боиси душвории молиявии деҳқонон мегардад. Ҳадафи Барнома дастгирии тадбирҳое мебошад, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳо оид ба таҳвили захираҳоро осон мекунанд. Барои дастрасии кишоварзон ба техникаи мувофиқ, тухмӣ, маводи кӯчат, нуриҳо, хӯроки чорво, ҳифзи растаниҳо, доруҳо ва ғайра шароити беҳтар фароҳам оварда мешавад. Мониторинг ва таъмини риояи стандартҳои савдо барои фурӯши захираҳо ва рушди истеҳсоли тухмӣ ва маводи кӯчат дастгирӣ карда мешавад. Механизми таъмини мавҷудият ва назорати сифати онҳо таъсис дода мешавад. Масъалаҳои тақвияти қонунгузории дахлдор, татбиқи ҳуқуқ ва масъулият барои тоҷироне, ки стандартҳои савдо, бехатарӣ, тамғагузорӣ ё пешниҳоди маълумоти дурустро дар бораи истифодаи ашёи фурӯш риоя намекунанд, баррасӣ карда мешаванд.

73. Механиконии босифати кишоварзӣ барои кам кардани арзиши аслии маҳсулот дар занҷираҳои истеҳсолу фурӯш зарур аст. Айни замон қисми зиёди техникаи кишоварзии кишвар барои сари вақт гузаронидани чорабиниҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани сифати ҳосил ва маҳсулноки ба навсозии ҷиддӣ эҳтиёҷ дорад. Дар Барнома оид ба таъмини дастрасии кишоварзон ба техникаи кишоварзӣ, аз ҷумла таҳияи нақшаҳои дастгирии навсозии парки техника ва беҳтар намудани хизматрасонӣ, гузаронидани таҳлили муфассали талабот ба техникаи кишоварзӣ ва афзалиятҳои рушди минтақаҳо тадбирҳо пешбинӣ шудаанд. Рушди инфрасохтори техникӣ барои харидани таҷҳизот дастгирӣ карда мешавад. Яке аз роҳҳои ноил шудан ба ин тартиб додани барномаҳои таълимӣ барои операторон, инчунин омода намудани кадрҳо ба воситаи ташкили омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ мебошад. Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи мавҷудияти таҷҳизот ва арзиши он, инчунин ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба харид, иҷора, истифода, хизматрасонӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизоти дахлдор тақвият дода мешавад. Барои зиёд намудани замини корами кишоварзӣ ва кам кардани норасоии таҷҳизот низоми самарабахши идоракунӣ таҳия карда мешавад. Бо мақсади кам кардани нархи техникаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани дастрасии он бо истеҳсолкунандагони техника машваратҳо гузаронида мешаванд. Таъсиси ҳадамоти хизматрасонӣ ва эҳтимол, истеҳсоли техника дастгирӣ карда мешавад.

74. Самти дигари дастгирӣ, ки барои низоми миллии агроозуқаворӣ зарур аст, амалисозии барномаҳо ва чорабиниҳо дар самти содирот, пешбурд ва маркетинг мебошад. Аз сабаби паст будани ҳосилнокӣ ва дур будани бозорҳои асосии таъинот иқтидори содиротии кишвар пурра амалӣ

карда намешавад. Аз ин рӯ, тадбирҳои Барнома барномаҳои мақсаднокӣ дастгирии содиротро пурра гардонида, омӯзиши бозорҳои эҳтимолии содирот, талаботи мавҷуда ба онҳо, имкониятҳои ворид шудан ба ин бозорҳо, таҳлили хароҷоти нақлиёт ва расмиёти гумрукиро дар бар мегиранд. Ин раванд ба ошкор ва сабук кардани монеаҳои асосӣ дар роҳи тиҷорати содиротии маҳсулоти кишоварзӣ кумак хоҳад кард. Бо дарназардошти он ки талабот дар «бозорҳои анъанавӣ»-и аз байн рафтаистодаи Россия ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ коҳиш меёбад, барои муайян кардани бозорҳои нав, эҳтимолан дар Чин кори мушаххас анҷом дода мешавад. Ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикони бурунмарзӣ ба маъруфияти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Нақшаҳои стратегии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати маркетингӣ оид ба зироатҳои мушаххас, ки ба баланд бардоштани огоҳии муштариёни хориҷӣ равона гардидаанд, пешбинӣ мегардад.

75. Тадбирҳо оид ба дастгирии воридшавии маблағҳои молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва низоми озуқаворӣ самти хеле муҳимми рушди занҷираҳои истеҳсолу фурӯш мебошанд. Системаҳои қарздиҳӣ ва лизингӣ барои беҳтар намудани равандҳои истеҳсол, коркард пас аз ҷамъоварии ҳосил аҳамияти ҳалкунанда доранд. Ҳукумат ба содагардонии имкониятҳои қарздиҳӣ ва расмиёти қарздиҳӣ, аз ҷумла дар ҳолати зарурӣ, бознигарии қонунгузории дахлдор мусоидат мекунад ва корҳоро бо муассисаҳои молиявӣ ҷиҳати мутахассисони бахши қарзӣ ба анҷом мерасонад, то ин ки соҳаи кишоварзӣ ва тиҷорати кишоварзиро хубтар дарк намояд. Омӯзиш ва машваратҳо ба кишоварзон ва мутахассисони соҳаи қарзӣ гузаронида мешаванд. Яке аз роҳҳои эҳтимолӣ барои ин дастгирии ҷараёни иттилоот дар бораи имкониятҳо ва расмиёти қарздиҳӣ тавассути низоми паҳнкунии иттилоот ва дониш мебошад.

76. Барномаҳои кумаки техникӣ ва ташаббусҳо оид ба таҳкими соҳибкории кишоварзӣ дастгирӣ карда мешаванд. Соҳибкорони агротиҷорат бо мушкилоти зиёд, аз қабили нарасидани технология, сармоя, кадрҳо соҳибихтисос, мушкилии дастрасӣ ба бозорҳо ва ғайра рӯ ба рӯ мешаванд. Бо мурури замон рақобат ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои байналмилалӣ шадидтар шуда истодааст, зеро соҳибкорони агротиҷоратии кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар рақобат бо рақибони бештар обруманд таҷрибадор ва моҳир, ки дорои муштариёни бовафои худ мебошанд, бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шуда истодаанд. Чунин ҳолат дарёфти роҳҳои таҳияи маҳсулоти беназир, канорагирӣ аз рақобати мустақим ва усулҳои инноватсионии эҷоди арзишро талаб менамояд. Тоҷикистон аз маҳсулоти анъанавӣ, алалхусус меваю сабзавот бой аст. Ин маҳсулот бояд тавре коркард, бастабандӣ ва интиқол карда шавад, ки ҳатто дар бозорҳои мураккабтарин ва ҳатто аз ҷониби ширкатҳои хурд талабот пайдо намояд. Барнома нақшаҳои кумаки техникӣ дар соҳаи агротиҷорат, омӯзонидан ба инкубаторҳо, пешниҳоди сармояи ибтидоӣ, маркетинг ва ғайраро муайян намуда, роҳҳои интиқоли онҳоро ба кишоварзони инноватсионӣ дар саросари кишвар меомӯзад. Барномаҳои



мушаххасе ки аллакай дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ амалӣ шуда истодаанд, барои амалисозӣ якҷо бо соҳибкорони тоҷик дар соҳаи агротиҷорат пешниҳод карда мешаванд.

77. Дар тадбирҳои дастгирии коркард ва агротиҷорат ҳамчун тадбири байнисоҳавӣ ташаббуси таъсиси марказҳои агрологистикӣ, ки барои мақсаднок будани онҳо, барои маҳсулоти меваю сабзавот дар моликияти давлатӣ ва идоракунии бахши хусусӣ қарор хоҳанд дошт, аҳаммияти хоса дорад. Дар назди онҳо бунёди сардхонаҳо ва гармхонаҳои хурд ҳамчун воситаи назорати экологӣ барои истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ ба инобат гирифта шудааст. Ин, хусусан барои Тоҷикистон муҳим аст, чунки ки дар ин ҷо тағйироти иқлим ва муҳити зист боиси тағйир ёфтани шароити парвариши зироат гардид. Гармхонаҳо ба кишоварзони хурд имконият медиҳанд, ки зироатҳои барвақти сабзавот буттаю меваҳоро парвариш намуда, бо нархҳои баланди мавсимӣ фурӯшанд. Рӯйхати чораҳо дар ин самт аз таъсиси лоиҳаҳои намоишӣ барои санҷиши имкониятҳои гармхонаҳо, ки бо маблағгузорӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии машваратӣ алоқаманданд, иборат аст. Дар назар аст, ки қобилиятнокии марказҳои хизматрасонӣ барои кишоварзон, ҳамчун «мағозаҳои равзанаи ягона», ки дар онҳо хариди воситаҳои истеҳсолои кишоварзӣ, гармхонаҳо, таҷҳизот, дастрасӣ ба хизматрасониҳои машваратӣ ва ғайра имконпазир мегардад, санҷида шавад. Фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузории агротиҷорат ба гармхонаҳо, дастгирии таҳия ва истеҳсоли гармхонаҳои самаранок ва дастрас тавассути пойгоҳҳои илмию тадқиқотии вазорат, мусоидат ба сармоягузорӣ ба марказҳои агрологистикӣ барои беҳтар намудани занҷираи арзиши боғдорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва дастрасии онҳо ба бозорҳо дар назар аст. Дарёфт намудани шакли дуруст ва ба ҳамдигар фоидабахши ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, масалан, ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ муҳим аст. Бояд қонунгузории дахлдор такмил дода, барои сармоягузории хусусӣ ба бахши коркард ва хизматрасонӣ бо мақсади зиёд намудани миқдор ва беҳтар намудани сифати маҳсулот, инчунин такмили ташкил ва ба тартиб даровардани равандҳо шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

78. Ҷузъи муҳимми пешрафтаи соҳаи агротиҷорат метавонад тиҷорати электронӣ ҳамчун механизми рушди иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баробарии гендерӣ бошад, зеро он аз бартариҳои қиёсии аҳолии ҷавон ва дониши техникидоштаи Тоҷикистон ба таври дақиқ истифода мебарад ва мушкилоти асосии рушди кишварро вобаста ба арзёбии бозорҳои ҷаҳонӣ бо шароити савдои одилона аз сабаби нуқсонҳои ҷуғрофии кишвар ҳал мекунад. Дар доираи Барномаи мазкур тиҷорати электронӣ метавонад ҳамчун механизми пешбурди маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашудаи Тоҷикистон, ислоҳ кардани механизмҳои иттилоотии бозаргонӣ барои беҳтар намудани банақшагирии истеҳсолот ва самаранокии тиҷорат дар бозорҳои дохилӣ; фароҳам овардани ангезаҳои бозорӣ барои васеъ намудани бахшҳои нави хизматрасониҳои кишоварзӣ ва беҳтар намудани бахшҳои мавҷуда баромад кунад. Барои аз

байн бурдани маҳдудиятҳои маъруфи Тоҷикистон дар ин самт такмили заминаи меъёрӣ, сармоягузорӣ ба омӯзиши идоракунии занҷираи таҳвил барои истеҳсолкунандагон, саводнокии молиявӣ ва малакаҳои дигари тиҷорати электронии рақамӣ пешниҳод мегардад. Тавассути сармоягузорӣ беҳтар намудани инфрасохтори алоқаҳои рақамӣ ва логистикӣ, ва афзалият додан ба маконҳое, ки омодагии баландтар ба тиҷорати электронӣ аз нуқтаи назари огоҳӣ, малакаҳо, ислоҳоти пилотии сиёсат ва инфрасохтори мавҷудаи «мустаҳкам» дорад, афзалият муҳим аст. Сармоягузорӣ ба инфрасохтор бояд бо мурури замон ба манотиқи дурдаст ва деҳот бирасад, то онҳо низ аз тиҷорати электронии кишоварзӣ баҳра баранд.

79. Омӯзиши имкониятҳо ва фароҳам овардани шароит барои суғурта дар соҳаи кишоварзӣ метавонад барои рушди Тоҷикистон таъсири муҳим дошта бошад. Хоҷагиҳои деҳқонии хурд кӯшишҳои диверсификатсияи истеҳсолии худро ҳамчун стратегияи кам кардани хавф ва ба даст овардани даромад амалӣ мекунанд. Хоҷагиҳои деҳқоние, ки хоҳиши тахассус додан доранд, аз сабаби хароҷоти баландтари сармоявӣ ва диверсификатсияи паст бо хатарҳои бештар рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ҳолати хоҷагии деҳқоние, ки тахассуси он зироатҳои сермаҳсул ва хавфнок мебошанд, ҷолибияти суғуртаи зироат табиист. Пешниҳод карда мешавад, ки иқтидори суғуртаи обу ҳаво ва суғуртаи ҳосил муайян карда шавад. Таклиф карда мешавад, ки имкониятҳои суғурта ҳамчун маҳсулоти иловагии таҳвили тухмӣ ва зироатҳои дигар ба назар гирифта, тариқи марказҳои хизматрасонӣ барои деҳқонон пешниҳод карда шаванд.

## 7. МУҲЛАТ ВА МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

80. Амалисозии Барнома аз соли 2023 оғоз гашта, то соли 2030 давом меёбад.

